Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 июли соли 2025, № 372
тасдиқ гардидааст

# Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (минбаъд – **Стратегия**) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди кишвар ва Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дастуру супоришҳое, ки дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2024-ум баён шуданд, таҳия гардидааст.

2.Стратегия сиёсати давлатии сармоягузориро дар Тоҷикистон барои давраи дарозмуҳлат муайян намуда, вазифаҳои мушаххасро барои беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, тақвияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ дар бар мегирад.

3.Ҳадафи асосии Стратегия дарёфти манбаъҳои нави маблағгузории соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, бахусус гуногунсамтсозии иқтисодиёт, бунёди корхона ва коргоҳҳои саноативу хизматрасонӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда ба ҳисоб рафта, он ҳамзамон барои густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, афзоиши саҳми бахши хусусӣ дар иқтисодиёт ва тавсеаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хизмат мекунад.

4.Бо дарназардошти имкониятҳои васеи кишвар дар самти истеҳсоли неруи барқи таҷдидшаванда, захираҳои бузурги маъданҳои муҳим ҷиҳати гузариш ба иқтисоди «сабз», зарфияти мавҷудаи бахшҳои гуногуни иқтисод барои сармоягузории «сабз», сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар ба кишвари «сабз» табдил додани Тоҷикистон ва ҳамзамон тамоюлҳои кунунии ҷаҳонӣ дар раванди сармоягузорӣ Стратегия муаррифии Тоҷикистонро ба ҳайси кишвари дорои зарфият ва имконияти бузурги сармоягузории «сабз» дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор медиҳад.

5.Муҳиммияти ҷалби сармоя дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии кишвар муайян карда шуда, воридоти сармоя барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат замина мегузорад.

6.Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ислоҳоти беҳсозии фазои сармоягузориро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ эълон намуда, бо амалисозии сиёсати «дарҳои кушода» барои васеъ намудани ҷуғрофияи воридоти сармоя мунтазам шароит фароҳам намуда истодааст.

7.Дар ин робита, ташкили инфрасохтори дастгирии молиявии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муколамаи давлат бо бахши хусусӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, мукаммалгардонии низоми

иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, ташаккули низоми андозбандӣ ва содагардонии савдои хориҷӣ татбиқи амалиро пайдо намуда, равандиислоҳоти иқтисодӣ идома дорад.

8.Бо дарназардошти шароити феълӣ, бинобар рақобати шадид, низоми ноустувори молиявӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ, омилҳои монеаэҷодкунандае ташаккул ёфта истодаанд, ки ба нишондиҳандаҳои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва раванди ташаккулёбии бахши хусусӣ таъсири гуногун мерасонанд.

9.Стратегия ин мушкилот ва омилҳои боздорандаи ҷалби сармоя, инчунин вазъи кунуниву тамоюлҳои ҷаҳониро таҳлил намуда, дар асоси зарфияту имкониятҳои мавҷудаи соҳаҳои афзалиятноки кишвар самтҳои асосии беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

10.Амалисозии Стартегия ба васеъ намудани ҷуғрофияи ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус сармояи мустақим, рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, афзоиши ҳиссаи сармоягузории хусусӣ ва тавсеаи иштироки бахши хусусӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат хоҳад кард.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

### §1. Ҳадафҳои Стратегия

11.Ҳадафи Стратегия фароҳам овардани шароит барои амалисозии бомуваффақияти ҳадаф ва афзалиятҳои рушди миллӣ, муайян намудани манбаъ ва механизмҳои ҷалби сармоя барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатнокии иқтисоди миллӣ, афзоиши зарфияти инфрасохтор ва саноат, рушди мутаносиб ва ҳамаҷонибаи минтақаҳо, инчунин рушди неруи инсонӣ мебошад.

12.Стратегия ба ҳалли вазифаҳои асосӣ вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи хориҷиву дохилӣ ва рушди соҳибкориву сармоягузорӣ равона мешавад.

13.Самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ бояд аз ҷалби сармоя ба соҳаҳои анъанавӣ, асосан саноати истихроҷ, ба сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноати коркард ва илмталаби иқтисодиёт, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва рақобатнок, кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла ҷиҳати баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ равона карда шаванд.

14.Мақсадҳои асосии Стратегия инҳо мебошанд:

- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти соҳибкорӣ;

- афзоиши воридоти сармоя ба кишвар ва мусоидат дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ;

- ташаккули механизмҳои асосии амалисозии сиёсати сармоягузорӣ ва таъмини сатҳи рақобатнокии кишвар бо истифода аз усулҳои нави ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ.

### §2. Вазифаҳои Стратегия

15.Барои расидан ба мақсадҳои Стратегия иҷрои вазифаҳо ва амалӣ намудани тадбирҳои таъхирнопазир дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ зарур аст. Дар робита ба ин, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда иҷрои вазифа ва тадбирҳои зерин пешбинӣ карда мешавад:

1) дар самти баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти соҳибкорӣ:

- идомаи ислоҳот оид ба баланд бардоштани ҷолибияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар;

- баланд бардоштани нақши мақомоти ваколатдори давлатӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ;

- баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон;

- таъмини дастрасӣ ба иттилоот барои сармоягузорони имконпазир дар сатҳи байналмилалӣ;

- рушди инфрасохтори институтсионалӣ ва такмили қонунгузории сармоягузорӣ, аз ҷумла коҳиши монеаҳои маъмурӣ;

- рушди механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар равандҳои сармоягузорӣ;

- ҷорӣ ва мукаммал намудани стандартҳои хизматрасонӣ ба сармоягузорӣ тибқи принсипи «аз фурудгоҳ то фурудгоҳ»;

2) дар самти афзоиши воридоти сармоя ба кишвар ва мусоидат дар таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ:

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҷалби сармояи хориҷӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ тавассути амалисозии ислоҳоти зарурӣ;

- таҳияи самтҳои муосиргардонии механизмҳо ва воситаҳои сармоягузорӣ дар асоси муносибати мутавозун ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва минтақавӣ;

- мусоидат ба таъсис ва рушди кластерҳо дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ҷиҳати таҳкимбахшии занҷираи арзиши иловашуда;

- таъмини афзоиши босуръати сармоягузорӣ ба соҳаҳои илмталаби иқтисодиёт;

- дастгирии соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла стартапҳо, сармоягузории венчурӣ ва ширкатҳои инноватсионӣ;

- мусоидат ба рушди инфрасохтори сармоягузорӣ (иҷтимоӣ, нақлиётӣ, рақамӣ, технопаркҳо, паркҳои саноатӣ, IT-паркҳо, бизнес-инкубаторҳо ва ғайра), аз ҷумла бо истифода аз механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (минбаъд – ШДБХ);

- таъмини дастрасии баробари субъектҳои соҳибкорӣ ба дастгирии давлатӣ;

- баланд бардоштани рақобатнокии корхонаҳои мавҷуда;

- фаъолгардонии манбаъҳои дохилии сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ:

- тавсеаи имкониятҳои сармоягузории корхонаҳо, аз ҷумла тавассути беҳтар кардани сифати идоракунӣ ва баркарорсозии молиявӣ;

- ҳавасмандгардонӣ ва фаъолгардонии аҳолӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ;

- тақсимоти самараноки маблағҳои давлатӣ ва таҳкимбахшии назорат аз болои самаранокии истифодаи онҳо;

- тавсеаи имконоти сармоягузории бонкҳои тиҷоратӣ, ташаккули бозори диверсификатсияшудаи сармоя аз лиҳози кишварҳои сармоягузор;

- таҳияи усулҳои маблағгузории лоиҳавӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ;

3) дар самти муҳайё намудани механизмҳои асосии амалисозии сиёсати сармоягузорӣ ва таъмини сатҳи рақобатнокии кишвар бо истифода аз усулҳои нави ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ:

- такмили механизмҳои институтсионалӣ ҷиҳати ҷалб, ҳамроҳӣ ва дастгирии сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла роҳандозии фаъолияти портали ягонаи хизматрасонӣ ба сармоягузорон;

- таъмини ҳамоҳангӣ ва мувофиқати самтҳои сармоягузории хориҷӣ бо барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;

- ташаккули усулҳои фаъол (проактивӣ) оид ба ҷалб ва нигоҳдории сармоя;

- мусоидат дар омода намудани майдонҳои нав барои ҷалби сармоя;

- таҳия ва амалисозии сиёсати самарабахши маркетингӣ ва иттилоотӣ;

- таҳияи маҷмуи тадбирҳо оид ба ташаккул ва пешбурди симо (бренд)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари барои фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории «сабз», ҷолиб ва мусоид;

- роҳандозии низоми таъминоти кадрҳо ба раванди мусоидат дар ҷалб ва нигоҳдории сармоягузорӣ;

- таҳияи механизмҳои кам кардани хавфҳои сармоягузорӣ;

- таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ оид ба ҷалб ва ҳимояи сармоягузорон;

- густариши ҳамкорӣ бо агентиҳои рейтингӣ барои беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтингҳои пешрафтаи иқтисодӣ ва сармоягузории ҷаҳон.

## 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ

### §1. Тамоюли сармоягузорӣ дар ҷаҳон

16.Мутобиқи таҳлилҳои Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба савдо ва рушд (UNCTAD) дар соли 2024 маҷмуи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон 1,4 трлн доллари ИМА-ро ташкил намуда, нисбат ба соли 2023 ин нишондиҳанда ба андозаи 11 дарсад афзоиш ёфтааст.

17.Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишварҳои рушдкунанда 2 дарсад кам шудааст, ки коҳиши дувумини солонаи пайдарпайи кишварҳои љаҳони ҷануб мебошад ва пешравиро дар самти Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки асосан ба маблағгузории байналмилалии лоиҳаҳо такя мекунанд, зери хавф гузошта истодааст.

18.Сармоягузорӣ ба бахшҳои марбут ба Ҳадафҳои Рушди Устувор дар соли 2024 дар саросари ҷаҳон 11 дарсад коҳиш ёфтааст ва шумораи лоиҳаҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, озуқаворӣ, инфрасохтор ва обу беҳдошт нисбат ба соли 2015, вақте ки ҳадафҳо қабул шуданд, камтар мебошад.

19.Интизор меравад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 2025 ба таври муътадил афзоиш меёбад ва аз ҳисоби беҳтар шудани шароити маблағгузорӣ, афзоиши муттаҳидшавӣ ва харидҳо (M&A) таъмин мегардад.

20.Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишварҳои рушдкунандаи Осиё 7 дарсад коҳиш ёфтааст. Танҳо дар Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сармоягузории

мустақими хориҷӣ 2 дарсад афзуда, бо ифодаи маблағ 235 млрд доллари ИМА-ро ташкил додааст.

21.Новобаста аз ҳолати мавҷуда, сиёсати сармоягузории аксари кишварҳои ҷаҳон ҳамчунон ба ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ нигаронида шудааст. Аз 109 тадбирҳои сиёсати сармоягузории роҳандозишуда, тадбирҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ тақрибан 40 дарсади тамоми тадбирҳои либерализатсияи сармоягузориро ташкил дода, аз ин 30 дарсад ба кушодани соҳаҳои нави саноат барои сармоягузории мустақими хориҷӣ ва 20 дарсад ба имтиёзҳои нави сармоягузорӣ рост омада истодааст.

22.Ислоҳоти созишномаҳои сармоягузории байналмилалӣ идома дошта, зимни таҳияи онҳо кишварҳо ба муқаррароти нав, аз ҷумла бо таваҷҷуҳ ба рушди устувор, нигоҳ доштани имкониятҳои танзимкунанда (нигоҳ доштани фазои танзими давлатӣ), инчунин тағйироти механизми ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ афзалият медиҳанд.

23.Нақши сармоягузории устувор васеъ гардида, идоракунии экологӣ ба таври назаррас зимни қабули қарор байни сармоягузорон муҳиммият пайдо намуда истодааст. Ҳукумати кишварҳо дар тамоми дунё стратегияи миллии татбиқи принсипи «экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии давлатӣ (ESG)»-ро фаъолона таҳия мекунанд ва хавфҳову имкониятҳоеро, ки аз таъсири афзояндаи глобалии рӯзномаи ин принсип бармеоянд, арзёбӣ мекунанд.

24.Ҳавасмандӣ ҷиҳати амалисозии марҳилаи гузариш ба тағйирпазирии фазои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, асосан, дар заминаи нишондиҳандаҳои зерин ба амал баровардa мешавад:

1) тағйирпазирии технологӣ ва рақамӣ: таъсироти васеъшавии истифодабарии технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, усулҳои нави истеҳсолот ва савдо;

2) ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии бозорӣ ҷиҳати истифодаи имконият ва тақвияти робита: лаппишҳо дар соҳаи истеҳсолот, хизматрасонӣ ва савдо, рақобатнокӣ, ҳамгироӣ ва талаботи бозор;

3) тағйирёбии иқлим: соҳаҳои дорои хусусияти экологӣ ва усулҳои нави истеъмол, самаранокии захираҳо (иқтисодиёти даврӣ);

4) тағйироти демографӣ: пиршавии аҳолӣ ва коҳиш ёфтани иқтидори ҷавонон, муҳоҷирати ҷавонон ва мутахассисони соҳибкасб.

25.Бо дарназардошти тақвият ёфтани равандҳои ҷаҳонии марбут ба мубориза бар зидди тағйирёбии иқлим, аз ҷумла ҷорӣ кардани андози «карбонӣ» ва гузаштан ба иқтисоди «сабз», сармоягузории «сабз», яъне сармоя ба соҳаҳое, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ надоранд ва ё таъсири минималӣ доранд, нақши калидӣ касб карда истодааст.

26.Таваҷҷуҳ ба сармоягузорӣ ба рушди неруи инсонӣ низ ҷиҳати беҳтар гардидани шохиси неруи инсонӣ, ки асосан сатҳи таҳсилот, тандурустӣ ва даромаднокии аҳолиро арзёбӣ менамояд, сол то сол бештар шуда истодааст.

27.Тамоюли муосир бештар раванди гузариш ба иқтисодиёти дар заминаи донишварзиро муносиб тасвир менамоянд, ки дар меҳвари он рушди фаъолияти зеҳнӣ бо истифода аз имконияти пайвастани илм ба истеҳсолот ҷой дода шудааст.

## §2. Тамоюли сармоягузорӣ дар Тоҷикистон

28.Ҷалби сармоя ба Тоҷикистон тайи солҳои охир тамоюли мусбиро касб намуда, танҳо дар панҷ соли охир ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба кишвар 11,6 млрд доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Боиси тазаккур аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 ба 5 млрд доллари ИМА баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2020-ум, 11 маротиба бештар мебошад.

29.Боиси тазаккур аст, ки дар натиҷаи амалисозии ислоҳот ва иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти сармоя ба ҷумҳурӣ сол аз сол афзоиш ёфта, дар натиҷа рушди иқтисодӣ дар кишвар таъмин карда шуд. Тибқи омори расмӣ суръати рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар панҷ соли охир ба ҳисоби миёна 7,7 дарсадро ташкил дода, ҳаҷми он дар соли 2024 ба 150 млрд сомонӣ расонида шуд. Нишондиҳандаи мазкур яке аз омилҳои асосӣ барои сармоягузорӣ буда, аз суботи сиёсиву иқтисодӣ дар кишвар гувоҳӣ медиҳад.

*Диаграммаи 1. Воридоти сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024*

*млн доллари ИМА*




Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон

30.Аз ҳаҷми умумии сармояи хориҷии дар солҳои 2020-2024 воридгардида, 1,7 млн доллари ИМА-ро сармояи ҷомадонӣ, 1,9 млрд доллари ИМА-ро сармояи мустақими хориҷӣ ва 9,7 млрд доллари ИМА-ро намуди дигари сармоя ташкил медиҳад.

31.Воридоти сармояи мустақим низ дар ин давра тамоюли афзоиш касб карда, ҳаҷми он дар солҳои 2020-2024 ба 1,9 млрд доллари ИМА баробар шудааст. Танҳо дар соли 2024 ба кишвар 459,1 млн доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 62 дарсад ва дар муқоиса бо соли 2020-ум 2,8 баробар зиёд мебошад.

32.Ҳиссаи сармояи мустақими хориҷӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ давоми солҳои 2020 – 2024-ум 3,5 дарсадро ташкил дода, фаъолнокии воридоти сармоя махсусан ба соҳаи саноати истихроҷ, саноати коркард, соҳаи савдо ва миёнаравии молиявӣ мушоҳида карда мешавад.

33.Таҳлили воридоти сармоя нишон медиҳад, ки давоми солҳои 2020-2024 тақрибан 72 дарсади сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноат, аз ҷумла 53 дарсад ба саноати истихроҷ ва 19 дарсад ба саноати коркард, равона гардидааст. Боқимонда 28 дарсад ба соҳаҳои сохтмон, кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа, савдо ва хизматрасонӣ, миёнаравии молиявӣ ва соҳаҳои дигар сармоягузорӣ карда шудааст. Барои маълумоти бештар нигаред ба диаграммаи тақсимоти сармояи мустақими воридгардида аз рӯйи соҳаҳо.

Область диаграммы

*Диаграммаи 2. Тақсимоти сармояи мустақими воридгардида аз рӯйи соҳаҳо дар солҳои 2020-2024*

*млн доллари ИМА*




Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон

34.Аз рӯйи тақсимоти минтақавӣ бошад, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар 5 соли охир, асосан ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд рост меояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки аз ҳаҷми умумии сармояи мустақими хориҷии дар солҳои 2020-2024 ба кишвар воридгардида 60,9 дарсад ба вилояти Суғд, 30 дарсад ба шаҳри Душанбе, 6,9 дарсад ба вилояти Хатлон, 1,6 дарсад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 0,4 дарсад ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон равона шудааст.

*Диаграммаи 3. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ аз рӯйи тақсимоти минтақавӣ дар солҳои 2020-2024*

*млн доллари ИМА*




| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 64,9 | 133,9 | 178,1 | 129,5 | 84,5 |
| в. Суғд | 79,5 | 182,0 | 343,1 | 137,1 | 369,1 |
| в. Хатлон | 14,7 | 17,6 | 75,1 | 16,8 | 4,1 |
| ШНТҶ | 1,8 | 5,0 | 22,1 | 0,5 | - |
| ВМКБ | 1,5 | 3,7 | 0,1 | 0,1 | 1,3 |

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва
Бонки миллии Тоҷикистон

35.Сармояи мустақими хориҷӣ тайи 5 соли охир, асосан аз Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Федератсияи Россия ворид гардида, саҳми ин се кишвар зиёда аз 76 дарсади сармояи мустақими хориҷии дар ин давра воридгардидаро ташкил мекунад. Дар ҷойҳои чорум, панҷум ва шашум вобаста ба воридоти сармояи мустақими хориҷӣ Фаронса, Туркия ва Британияи Кабир қарор дошта, саҳми ин кишварҳо тайи ин солҳо мутаносибан 4,4 дарсад, 4,1 дарсад ва 3,8 дарсадро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 4. Тақсимоти сармояи мустақими хориҷии воридгардида аз рӯйи таснифоти кишварҳо дар солҳои 2020-2024*

*млн доллари ИМА*




Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон

## §3. Фазои сармоягузорӣ ва ислоҳоти роҳандозишуда

36.Бо мақсади мутобиқ намудани фазои сармоягузорӣ ба талаботу стандартҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои дахлдор роҳандозӣ карда мешавад.

37.Қонунгузории самти сармоягузорӣ ба талаботи замони муосир пурра мутобиқ гардонида шуда, дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ва «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» қабул карда шуд, ки он ба таъмини устуворӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

38.Дар доираи ислоҳоти низоми санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор шумораи мақомоти санҷишӣ аз 31 адади соли 2016 то ба 23 адад дар соли 2024 ва санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016 то ба 42 ҳазор дар соли 2024 кам

карда шуд, ки ин бевосита барои аз байн бурдани монеаҳо барои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

39.Тадбирҳо ҷиҳати то 60 дарсад кам кардани номгӯйи ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ идома дошта, шумораи номгӯйи чунин ҳуҷҷатҳо аз 280 адади соли 2023 то 208 адад дар соли 2025 коҳиш дода шудааст.

40. Бақайдгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ройгон ба роҳ монда шуда, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин раванд дар мӯҳлати 24 соат анҷом дода мешавад.

41.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити озоди рақобат фароҳам оварда шудааст ва аз лиҳози ҳимояи ҳуқуқӣ байни соҳибкорону сармоягузорони дохилию хориҷӣ ҳеҷ тафовут вуҷуд надорад.

42.Озодии интиқоли фоида ва шаклҳои дигари даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда кафолат дода шудаанд.

43.Дар маҷмуъ, қонунгузории амалкунанда барои сармоягузорон беш аз 240 номгӯйи кафолату имтиёзҳо, аз ҷумла зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукиро муқаррар намудааст.

44.Дар Тоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият мекунад, ки дар онҳо барои сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

45.Барои сармоягузорон имконияти иштирок намудан дар амалисозии лоиҳаҳо бо истифода аз якчанд механизм, аз ҷумла шарикии давлат ва бахши хусусӣ, консессия ва созишномаҳои сармоягузорӣ, ки реҷаи имтиёзноки пешбурди фаъолияти сармоягузориро пешбинӣ менамоянд, муҳайё карда шудааст.

46.Барои муколамаи созанда миёни Ҳукумат, бахши хусусӣ ва шарикони рушд, Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ зери роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, дар доираи он масъалаҳои мубрам ҷиҳати беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд ва вобаста ба ҳалли онҳо қарорҳои дахлдор қабул мегарданд.

47.Бо мақсади ҳамгироӣ намудани фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ соли 2023 зери роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи банақшагирии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти он ба таҳия ва муайян намудани механизм, инчунин тартиби ҳамгироиву ҳамоҳангсозии мақомоти гуногуни кишвар барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя равона карда шудааст.

48.Соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Дар бораи эътироф ва иҷро намудани ҳалномаҳои арбитражҳои хориҷӣ» аз 10 июни соли 1958 ва Конвенсияи Гаага аз 5 октябри соли 1961 оид ба Апостил ҳамроҳ шуда, айни замон узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад.

49.Бо мақсади сода гардонидани рафтуомади сармоягузорон навъи махсуси раводид – «сармоягузорӣ» бо имконияти дастрасии электронӣ ҷорӣ карда шуда, нисбат ба шаҳрвандони 52 кишвари дунё реҷаи бераводиди воридшавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, ин раванд идома дорад.

50.Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми сохторҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкории пурсамарро ба роҳ монда, бо 110 давлати дунё робитаҳои иқтисодӣ дорад.

51.Дар ин замина бо 25 кишвар созишномаҳои канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва бо 39 кишвари ҷаҳон созишномаҳо оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо баста шудаанд.

52.Шумораи ширкатҳои фаъолияткунанда, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи корхонаҳои хориҷӣ мебошад ва ё муассиси ғайрирезидент доранд, афзоиш ёфта, айни замон тақрибан зиёда аз 2 ҳазор ададро ташкил медиҳанд.

53.Тибқи қонунгузории дахлдор дар доираи созишнома байни мақомоти давлатӣ ва шарикони хусусӣ лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо ҷалби беш аз 46,1 млн доллар сармояи бахши хусусӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодааст.

54.Ба ҳолати имрӯза аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо 34 ширкату корхонаҳои ватаниву хориҷӣ созишномаҳои сармоягузорӣ ба маблағи умумии 2,0 млрд доллари ИМА баста шудаанд, ки тавассути онҳо зиёда аз 1,9 млрд доллари ИМА сармояи мустақим ворид гардидааст.

55.Раванди ислоҳот ҷиҳати беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ идома дошта, дар назар дошта шудааст, ки дар доираи он пояҳои ҳуқуқӣ таҳким ва сохтори институтсионалӣ тақвият дода хоҳанд шуд.

## §4. Имкониятҳо

56.Тоҷикистон бо сарватҳои табиии хеле зиёд, аз ҷумла захираҳои об, гидроэнергетика, маъданҳо ва металлҳои нодир, иқлими мусоиду заминҳои ҳосилхез, гуногуннамудии олами набототу ҳайвонот, имкониятҳои сайёҳӣ, инчунин неруи инсонӣ (аҳолии ҷавон ва босуръат афзоишёбанда) дорои захира ва имкониятҳои бузурги сармоягузорӣ мебошад.

57.Яке аз сарватҳои асосии Тоҷикистон захираҳои обии он мебошад. Дар кишвар зиёда аз 14 ҳазор пирях, 947 дарё ва 1300 кӯл мавҷуд аст, ки ин ҳудуди 60 дарсади захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳад.

58.Тоҷикистон бо зарфияти гидроэнергетикии 527 млрд кВт соат дар як сол дар ҷаҳон дар ҷойи 8-ум ва дар Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал қарор дошта, ин иқтидор то имрӯз ҳамагӣ 5 дарсад аз худ карда шудааст.

59.Имконияти истифодаи энергияи офтоб ва шамол низ дар кишвар хеле зиёд буда, онҳо дар марҳилаи оғози истифодабарӣ қарор доранд.

60.Айни замон, 98 дарсади барқи кишвар аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда тавлид гашта, Ҳукумати кишвар тасмим дорад ин нишондиҳандаро то соли 2032 ба 100 фоиз расонида, тавлиди неруи баркро пурра аз ҳисоби захираҳои «энергияи сабз» таъмин ва Тоҷикистонро то соли 2037 ба «кишвари сабз» табдил диҳад.

61.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 800 кони маъданҳои фоиданок, металлҳои нодир ва қиматбаҳо, аз ҷумла мис, нуқра, тилло, сурб, литий, сурма, никел, волфрам, ванадий ва маъданҳои дигари нодир кашф ва барои аз худ намудан қисман омода карда шудаанд. Аз ин шумора алҳол 100 кон мавриди истифодабарӣ қарор дошта, дар онҳо то 40 навъи ашёи хоми минералӣ, аз қабили сӯзишворӣ, маъданӣ (қариб 10 дарсад) ва ғайримаъданӣ (қариб 90 дарсад) истихроҷ ва коркард мешавад.

62.Зимнан, аз 12 металлу маъданҳои муҳимтарин (CRITICAL RAW MATERIAL) барои «гузариши сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-тои онҳо мавҷуд мебошад.

63.Тоҷикистон дар соҳаҳои дигар низ барои сармоягузорӣ имконияту зарфиятҳои бузург дорад. Соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, кимиё, дорусозӣ ва истеҳсоли масолеҳи

бинокорӣ, кишоварзӣ, бонкдорӣ ва молия, рақамикунонӣ, сайёҳӣ, маориф, тандурустӣ ва бахшҳои дигар метавонанд мавриди таваҷҷуҳи махсуси сармоягузорон қарор гиранд.

64.Имкониятҳои дигари асосии кишвар, ки метавонанд барои ҷалби сармоя ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат намоянд, инҳо мебошанд:

-суботи сиёсӣ ва амният дар кишвар. Тибқи таҳқиқотҳои байналмилалӣ Тоҷикистон дар қатори 5 кишвари амнтарини ҷаҳон ҷойгир аст;

-мавҷудияти бозори дохилӣ ва хориҷӣ (кишварҳои ҳамсоя), ки яке аз омилҳои асосӣ барои ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои саноатӣ мебошад;

-дастгирии давлатӣ ва имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, ки барои ҳавасмандгардонии соҳибкорон ва рушди бахши хусусӣ пешбинӣ шудааст;

-мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва қувваи кории ҷавон, ки барои зиёд намудани самаранокии истеҳсолот ва пурмаҳсул намудани фаъолият зарур мебошад;

-мавҷудияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки бо низоми махсуси андозбандӣ ва инфрасохтори зарурӣ фаъолият мекунанд;

-мавқеи ҷуғрофии кишвар ва шароити мусоиди табиию иқлимӣ, ки метавонад барои муносибатҳои иқтисодиву сармоягузорӣ ва транзити молу маҳсулот такони тоза бахшад;

-мавҷудияти мероси ғании таърихиву фарҳангӣ ва имкониятҳои зиёд барои рушди сайёҳӣ;

-мавҷудияти роҳҳо ва инфрасохтори зарурӣ барои интиқоли маҳсулоти истеҳсолгардида ва ба содирот нигаронидашуда;

-неруи «сабз» ки барои истеҳсоли молу маҳсулоти «сабз» ва содироти минбаъдаи он афзалият мебахшад;

-мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фазои солими сармоягузорӣ.

## §5. Мушкилот ва омилҳои боздоранда

65. Новобаста аз имконияту иқтидорҳои сармоягузорӣ дар кишвар ҳоло ҳам баъзе мушкилоту омилҳое ҳастанд, ки барои ҷалби бештари сармоя ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ монеа мешаванд. Омилҳои асосии боздорандаи сармоягузорӣ дар кишвар инҳо арзёбӣ мегарданд:

-норасоии қувваи барқ ва маҳдуд гардидани он дар баъзе минтақаҳои кишвар дар фасли зимистон. Омили мазкур барои ҷалби сармоя нақши калидӣ дорад, чунки тамоми соҳаҳои иқтисодиёт аз он вобастагӣ дорад;

-рушди нокифояи инфрасохтори роҳҳо дар минтақаҳои кишвар, бахусус роҳҳои нақлиётӣ, роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ, ки арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолгардидаро зиёд менамояд;

-иқтидори нокифояи гузарониши марказҳои нақлиётиву логистикӣ, ки барои баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва содироти молу маҳсулоти дар кишвар истеҳсолшуда монеа мегардад;

-паст будани суръати интернет, ки яке аз омилҳои калидии рушд ва алоқа бо шарикон мебошад;

-кам будани шумораи парвозҳо ба/аз кишвар ва гарон будани арзиши чиптаҳо.

66.Дар баробари ин, иқтидори нокифояи бахши хусусӣ, ҳиссаи пасти сармоягузориҳои дохилӣ, тақозои идомаи ислоҳот дар самти маъмурикунонии андоз ва низоми имтиёзҳои

андозию гумрукӣ, сатҳи пасти ҳамкории корхонаҳои бахши хусусӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ дар ҷодаи тайёр намудани мутахассисони зарурӣ ҳамчун мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондааст.

67.Дар маҷмуъ, мушкилоти мавҷудаи фаъолияти сармоягузориро бо дарназардошти пайдарҳамии таъсиргузорӣ чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

-ҳамкории нокифояи байниидоравии мақомоти давлатӣ ва институтҳои рушд барои ҷалб ва нигоҳ доштани равандҳои сармоягузорӣ;

-низоми сустинкишофёфтаи дастгирии иттилоотию коммуникатсионии дастгирии сармоягузорон;

-ҷалби нокифояи сармоягузорон дар раванди таҳия ва муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ;

-шиддат гирифтани рақобати ҷаҳонӣ барои сармоягузорӣ, аз ҷумла аз ҷониби давлатҳои минтақа;

-расмиёти аз ҳад зиёди маъмурикунонӣ (батаъхирандозӣ дар гирифтани ҳуҷҷатҳо дар ҳолатҳои гуногун дар маҳал);

-мукаммал набудани стандартҳои «иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ, яъне принсипи ESG»-и кишвар, аз ҷумла низоми танзими газҳои гулхонаӣ.

68.Бо дарназардошти муҳиммияти афзоиши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҷанбаи норасоии кадрҳои касбӣ, аз ҷумла набудани мутахассисони техникӣ, дар оянда метавонад яке аз омилҳои боздорандаи рушди бахшҳои иқтисодӣ-инноватсионии иқтисодиёт шавад.

69.Сатҳи нобаробари рушди иқтисодии ҳудуди минтақаҳо, ки бо афзоиши хавфҳои зерини сармоягузорӣ алоқаманд аст, метавонад барои ҷалби сармоя мушкилӣ эҷод кунад:

-пайдоиши минтақаҳои дорои мақоми ҷолибияти сармоягузории «сифрӣ»;

-боқӣ мондани зарурати тақвияти чораҳои дастгирии буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби субвенсияҳои буҷети давлатӣ;

-фарсудашавии босуръати инфрасохтори муҳандисӣ, аз ҷумла инфрасохтори истифоданашаванда;

-аз даст додани ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо бинобар мавҷуд набудани қувваи кории ҷавобгӯй ба меъёрҳои ҷорӣ.

70.Дар амалия дар сатҳи зарурӣ татбиқ нагаштани механизмҳои ҷалби сармоя ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ оид ба фаъол гардонидани тадбирҳо ҷиҳати рушди инфрасохтори пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ монеа эҷод менамояд.

71.Маҳдудиятҳои инфрасохтории марбут ба фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии таҷҳизот дар бахши энергетика, сатҳи номуносиби техникии шабакаи роҳҳо, бахусус автомобилӣ, зарурати азнавсозии инфрасохтори муҳандисӣ, ки дар оянда имкониятҳои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиро коста мегардонанд, мавҷуд мебошад.

72.Сахми нокифояи соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда, ки бозорҳои фурӯши маҳсулот ва ҷолибияти субъектҳои сармоягузориро маҳдуд мекунад.

73.Сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои мавҷуда, ки ҷолибияти сармоягузории онҳоро коҳиш медиҳад. Шумораи нокифояи корхонаҳое, ки силсилаи пурраи инноватсионӣ доранд (аз тараққиёт то истифодаи саноати навоварӣ).

74.Мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ, ки метавонанд барои ҷалби бештари сармоягузорӣ (давомнокии расмиёти иҷозатдиҳӣ, мушкилии гирифтани қитъаҳои замин ва ғайра) таъсири манфӣ расонанд.

75.Рушди нокифояи инфрасохтори институтсионалии дастгирии давлатии ҷалби сармоягузорӣ (қонунгузорӣ, молиявӣ, ташкилӣ), ки метавонад боиси паст гардидани мавқеи кишвар дар раддабандиҳои байналмилалии ҷолибияти сармоягузорӣ гардад.

76.Рушди нокифояи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҳамкории суст дар самти татбиқи лоиҳаҳо бо истифода аз ин механизм.

77.Таҷрибаи нокифояи фаъолият дар бозорҳои сармоягузорӣ. Тадбирҳо оид ба фаъолияти муаррифӣ ва маркетингии бозори сармоягузории кишвар қонеъкунанда ва кофӣ нестанд.

78.Алоқамандии нокифояи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо афзалиятҳои миллӣ, стратегияҳои соҳавӣ ва барномаҳои рушди маҳал.

79.Дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани низоми мониторинг ва арзёбии раванди татбиқи лоиҳаҳое, ки дар доираи созишномаҳои сармоягузорӣ амалӣ карда мешаванд.

80.Дар сатҳи муносиб қарор надоштани диверсификатсияи сохтории сармоягузории хориҷӣ, новобаста аз мавҷудияти захираҳои зиёди табиӣ.

81.Дар сатҳи ниҳоят паст роҳандозӣ гардидани таҳлилҳои соҳавӣ ва минтақавии иқтидори сармоя ва тавсеаи ин раванд, то ҳол дар маҳалҳо мавҷуд набудани нақша ё барнома барои ҷалби бештари сармоя.

82.То ҳол ба талабот ҷавобгӯй набудани мавқеъ дар раддабандиҳои байналмилалӣ аз лиҳози ҷолибияти сармоягузорӣ ва устувории молиявӣ, дар аксар мавридд дар раддабандии кишварҳои минтақа дар ҷойи номуносиб қарор гирифтан.

83.Сатҳи нокифояи маъмурикунонии андозбандӣ, ки метавонад барои қабул кардани қарори ниҳоии сармоягузорон таъсири манфӣ расонида, барои ба кишвари дигар ворид гардидани онҳо асос шавад.

84.Дараҷаи начандон мақбулро доро будани самарабахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ.

85.То ҳол мураккаб будани расмиёти содирот, ки ба раванди дарёфти бозор барои содироти маҳсулоти ниҳоӣ ва ашёи хоми дохилӣ монеа эҷод менамояд.

86.Мавҷуд набудани таҳлилҳои бозорҳои кишварҳои дигар аз лиҳози гурӯҳбандии содироти молу маҳсулот ва ашёи хоми дохилӣ.

87.Дорои низоми сустинкишофёфта будани дастгирии иттилоотию коммуникатсионии сармоягузорон, ки дар аксар минтақаҳо, бинобар набудани шабакаҳои интернетӣ, дастрасӣ ба маълумот мушкил мегардад.

88.Маҳсулнокии ташаккул ёфтани бахши хусусии дохилӣ ва таъмини минбаъдаи фаъолияти доимии онҳо, ки бинобар надоштани донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва бозаргонӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

89.Мавҷуд набудани низоми ягонаи ташаккул додани таассуроти муфиди фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксаран маълумот дар шакли парешон дастраси сармоягузорон мегарданд.

90.Вуҷуд надоштани раванди ягонаи таҳия, омода ва пешниҳоди лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ, аз ҷумла аз лиҳози соҳавӣ.

# 4. САМТҲОИ АСОСИИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## §1. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва бартараф сохтани монеаҳои маъмурии фаъолияти сармоягузорӣ

91.Баланд бардоштани шаффофияти батанзимдарории раванди фаъолияти сармоягузорӣ тавассути ин чораҳо амалӣ мегардад:

- беҳтар намудани фазои институтсионалӣ ва баланд бардоштани шаффофият ва пешгӯйии сиёсати сармоягузории давлатӣ;

- гузаронидани барӯйхатгирии (инвентаризатсия)-и санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонуниву дохилидоравии танзимкунандаи самти фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ бо мақсади бозбинӣ намудани муқаррароти эҷодкунандаи монеа барои пешбурди фаъолият, такроршавии функсияҳо ва сарбории тақвиятдиҳандаи раванди маъмурикунонӣ, инчунин аз нав амалӣ намудани таҳлили таъсири танзимкунӣ нисбат ба ҳар яки онҳо;

-аз нигоҳи мусоидӣ такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва маъмурикунонии он, инчунин таҳкими механизмҳои ҳамкорӣ бо сармоягузорон;

-интишори васеи заминаи меъёрии ҳуқуқии самти сармоягузорӣ бо забонҳои хориҷӣ;

-ҷалби сармоягузорони амалкунанда ва бахши хусусӣ ба раванди таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ;

-бартараф намудани такроршавии вазифаҳо ҷиҳати пешбурд ва танзими марказонидашудаи онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ тавассути таҷдиди қонунгузории танзимкунандаи ваколатҳои сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар тартиби ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ намудани муқаррарот оид ба анҷом додани раванди дахлдор аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ;

-таҳия ва қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи ташаккули махзани маълумот барои инъикоси иқтидори сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тақсимоти минтақавӣ ва соҳавӣ»;

-таҳия ва қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стандартҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибнокии минтақа бо дарназардошти «харитаи роҳи дахлдор»;

-таҳия ва қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ҷорӣ намудани низоми электронии пайгирии мурочиати сармоягузорон ва Тартиби роҳандозии ҳамкории электронӣ бо сармоягузорон дар ҳама сатҳи мақомоти давлатӣ»;

-омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои гузариш ба раванди ба таври мустақим гирифтани иҷозатномадиҳӣ ва ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ аз ҷониби сармоягузорону соҳибкорон;

-таҳияи пешниҳодҳо оид ба содагардонии расмиёти додани иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ барои сармоягузорон (коҳиш додани мӯҳлатҳо, муносибгардонии расмиёт) махсусан дар сатҳи маҳал;

-ба қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои санҷишӣ ворид намудани мафҳуми «сабабҳои пайдошавии ҳуқуқвайронкунӣ» (яъне, тибқи он дар навбати аввал сабабҳои пайдошавии ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби ҳамаи мақомот муайян карда шуда, ба субъекти хоҷагидор роҳи ҳалли масъала пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати идома додани ҳуқуқвайронкунии минбаъда нисбат ба субъекти хоҷагидор масъулияти қонунӣ татбиқ карда мешавад);

-аз нав дида баромадани созишномаҳо оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ дар асоси стандартҳои созмонҳои байналмилалӣ ва фаъол намудани раванди тасдиқи созишномаҳои дахлдори таҳияшуда;

-таҳияи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби баррасии масъалаҳои сармоягузорони калидӣ дар сатҳи ҳукуматӣ бо дарназардошти таъмини мутавозинии манфиати давлатӣ ва ҳуқуқи қонунии сармоягузорон;

-таҳияи усулҳои ҳавасмандгардонии сармоягузории такрорӣ, аз ҷумла тавассути омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои анҷом додани он аз ҷониби ширкатҳои низомсози сатҳи давлатӣ ва хусусӣ, инчунин бозбинӣ намудани муқаррарот оид ба шомилкунии ташкилотҳои дорои аҳаммияти бузурги ҷамъиятӣ ба қатори субъектҳои дорои манфиати умум;

-таҳияи қоидаҳои дар шакли электронӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳо оид ба тафсири ягонаи меъёрҳои кодексҳои андоз ва гумрук, инчунин видеонаворҳои фаҳмондадиҳии анҷом додани тамоми расмиёти андозсупорӣ ва боҷҳои гумрукӣ ва идома додани раванди содагардониву пешгӯйишавандаи сиёсати фискалӣ;

-роҳандозии тадбирҳои маҷмуӣ вобаста ба сода намудани расмиёти гирифтани раводид, аз ҷумла барои мутахассисони соҳибкасби хориҷӣ ва реҷаи муҳоҷирати сармоягузорони хориҷӣ, инчунин ҷорӣ намудани раводиди сармоягузории навъи «IT Visa» ва «Smart Visa»;

-коркарди тадбирҳо оид ба васеъ намудани ваколати корӣ ва уҳдадории шахсии мансабдорони ҳамаи зинаҳои ҳокимият, ки барои ҷалб ва нигоҳдории сармоягузорон масъул мебошанд;

-таҳияи феҳристи мавҷудияти ашёи хоми ватанӣ, инчунин феҳристи таҳвилгарони чунин навъи ашё ҷиҳати роҳандозии робитаи мустақим байни сармоягузорон ва фурӯшандагони ашёи хом;

-дар асоси таҳлили дахлдор таҳия намудани механизми нави дастгирии давлатӣ бо дарназардошти таҷдиди низоми мавҷудаи пешниҳоди имтиёзҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии онҳо, аз ҷумла аз ҳисоби ҷорӣ намудани мушаххасоти истифодаи грантҳои аслӣ, кафолатҳои истеъмолӣ, маблағгузории муштарак.

## §2. Рушди инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ

92.Беҳтар намудани сатҳи таъмини инфрасохторӣ ва муносибатҳои молумулкӣ тавассути:

-ворид намудани мафҳуми «майдони сармоягузорӣ» ба гардиши ҳуқуқӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии молу мулки давлатии то ҳол истифоданашаванда барои пешниҳод ба сармоягузорон;

-андешидани тадбирҳо оид ба ҷудо кардани қитъаҳои замини нав, аз ҷумла бо роҳи муайян кардани қитъаҳои замини мувофиқи таъинот истифоданашуда ва азхуднашуда (тибқи тартиби муқарраргардида ба ҳолати аввалия баргардонидани онҳо) ҷиҳати эҳтиёҷоти сармоягузорӣ;

-таҳияи тартиби роҳандозии ҳуқуқи истифодабарии заминҳои категорияи дуюм ва категорияи чорум бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳамчун предмети хариду фурӯш, туҳфа, иваз, иҷора, гарав ва аҳдҳои дигар, инчунин тариқи мерос ва бо тартиби умумӣ ба даст овардани ҳуқуқ;

-таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати дар заминаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъмин намудани сармоягузорон бо майдонҳои омодашуда барои кам кардани хароҷоти сармоягузорӣ;

-омӯзиши имконияти ҷорӣ намудани навъҳои муосири инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла минтақаҳои саноатӣ, минтақаҳои сармоягузорӣ ва дигар;

-амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳо оид ба рушди инфрасохтори махсуси сармоягузорӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, фондҳои сармоягузорӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, консорсиумҳои ғайридавлатии сармоягузорон, инчунин ниҳодҳои ғайримолиявӣ – агентиҳои маркетингӣ ва консалтингӣ, хадамоти кадрӣ ва рекрутингӣ, таҳсилоти иловагӣ ва махсус ва бизнес-таҳсилот;

-омӯзиши муҳиммияти таҳияи барномаи давлатии рушди инфрасохтор бо дарназардошти имконияти муттаҳид намудани барномаҳои алоҳидаи амалкунандаи соҳавӣ;

-баррасӣ намудани истифодаи усулҳои мухталиф нисбат ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва суръатбахшии расмиёти гумрукӣ, баланд бардоштани шаффофият, беҳтар намудани самаранокии истифодаи низоми идоракунии хавф ва тақвияти озодии транзит ва ҳамгироии расмиёти гумрукӣ;

-муосиргардонии инфрасохтори тиҷоратию логистикӣ бо такя ба баланд бардоштани рақобатнокии бахши логистикӣ ҷиҳати кам кардани хароҷот;

-тарҳрезии низоми ягонаи пайвастшавӣ ба инфрасохтор (барқ, об, обу корез) бо ҷадвали дақиқи пайвастшавӣ ва пардохти ҳатмӣ, инчунин тартиби аз ҷониби худи хоҷагиҳои коммуналӣ анҷом додани раванди пайвасткунии сармоягузор ба шабакаҳои коммуналӣ ва гузаштани расмиёти мувофиқасозӣ бо мақомоти дигар;

-андешидани тадбирҳо дар самти ташаккули инфрасохтори интермодалӣ ва марказҳои логистикӣ, ҳавасмандгардонӣ барои ҷорӣ намудани усулҳои муосири логистикӣ, рушди интиқол ва таҳвили мултимодалӣ бо дарназардошти истифодаи васеи низоми электронии мубодилаи маълумот;

-ташаккул додани раванди ташкили инфрасохтори электронии хизматрасониҳои давлатӣ, аз ҷумла дар шакли плафтормаи сармоягузорӣ;

-тақвияти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, бахусус тавассути ҷалби бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ;

-вусъат додани раванди афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ;

- пешбинӣ намудани имконияти таҳияи қонунгузории танзимкунандаи раванди фаъолияти фонди некуаҳволии мардум ҷиҳати муттаҳид намудани корхонаҳои низомсоз ва бо натиҷаи фаъолияти мусбии дорои ҳиссаи давлатӣ барои истифодаи минбаъда ҳамчун манбаи кафолати ҷалби сармоя ва ё ҳаммаблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси механизми маблағгузории лоиҳавӣ.

## §3. Дигаргунсозии заминаи институтсионалӣ ва ташаккули фазои ҷолиби сармоягузорӣ

93. Дигаргунсозии заминаи институтсионалӣ ва ташаккули фазои ҷолиби сармоягузорӣ тавассути:

-таъсис додани низоми ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ бо фарогирии низомҳои марбутаи кор бо сармоягузориҳои хориҷӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият бо ташкилотҳо (созмонҳо)-и байналмилалӣ, гузаронидани экспертиза (ташхис)-и лоиҳаҳои муҳимтарин ва интихоби озмунии онҳо;

-васеъ намудани имкониятҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар самти беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатии ҷумҳурӣ оид ба масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳо, дастгирии фаъолияти ҷории сармоягузорон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва фароҳамоварии шароити мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар заминаи Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷинвест» ташкил намудани оператори миллии ҷалби сармоя бо ваколати ташаккули шабакаҳои намояндагони хориҷӣ, филиалҳои минтақавӣ, мақоми пешбарандаи ягонаи гуфтушунид ҳангоми баррасии дурнамо ва шартҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, мақоми пешбарандаи маркази ягонаи дастрасии сармоягузорон ба хизматрасонии давлатӣ;

-омӯзиши заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои таъсис додани институти Омбудсмен доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон;

-ташаккули низоми ягонаи ҳамроҳии ҳайати сармоягузорони ташрифоваранда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пайдо намудани шиносоӣ бо майдонҳои сармоягузорӣ, гузаронидани гуфтушунид бо мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин шарикони эҳтимолии тиҷоратӣ;

-омода намудани шарҳҳои дахлдор оид ба соҳаҳои афзалиятнок ва номенклатураи молу маҳсулот дар асоси стандартҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати истифодаи самараноки механизми сармоягузории мақсаднок;

-таҳкимбахшии низоми ҷалби муассисаҳои хориҷӣ дар самти муосидат барои воридшавии сармоягузорон ва гуногунсозии сарчашмаҳои сармоягузорӣ;

-ҷорӣ намудани портали хизматрасонӣ ба сармоягузорон бо дарназардошти иҷрои вазифаи «равзанаи ягона», инчунин ташкили махзани маълумот бо мусоидати муассисаҳои хориҷӣ оид ба сармоягузорони эҳтимолии кишвари будубош бо шумораи умумии на кам аз 1000 ширкат ва таҳияи ҷадвали солонаи ташрифи онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тақвияти вазифаҳои ҳамоҳангсозии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо дарназардошти арзёбии вазифаҳои мақомоти дигари марбута;

-ҷорӣ намудани табақабандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз нигоҳи стратегӣ, миллӣ ва маҳаллӣ, инчунин таҳияи механизми ба ҳар як лоиҳа вобаст намудани як масъули мақомоти дахлдор дар амалисозии лоиҳа ҷиҳати мусоидати дахлдор;

-омӯзиши имконияти ҷорӣ намудани амсилаи электронии муайян намудани соҳаҳои ба ислоҳот ниёздошта тавассути ба таври автоматӣ холгузории раванди монеаҳои соҳавии ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ мушкилиэҷодкунанда;

-баррасии раванди дар шакли интерактивӣ тавассути харитаи сармоягузорӣ ҷамъоварии маълумот оид ба пайдо намудани огоҳӣ дар самти мушкилоти бавуҷудомада дар амалисозии лоиҳаҳо ва коркарди ин маълумот барои бартараф кардани камбудиҳо;

-муқаррар намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба танзими раванди таҳия ва мониторинги нақшаи маҷмуи чорабиниҳо ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои дахлдори сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ;

-батанзимдарории раванди ҳамкорӣ бо мушовирони сармоягузории сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии ба ҷалби сармоя масъул ҷиҳати мавриди интишор қарор додани маълумоти мубрам оид ба имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мониторинг (пайгирӣ)-и раванди пешравии сатҳи ҳамкорӣ бо сармоягузорони амалкунанда ва эҳтимолӣ, амалӣ намудани Барномаи кор бо мизоҷон ҷиҳати муайян намудани мақоми гуфтушунид, лоиҳаҳои банақшагирифташуда ва амалишаванда, инчунин тақвияти фаъолияти кормандон;

-амалигардонии чораҳо оид ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатнокии истеҳсолкунандагони ватанӣ;

-таҳлили мунтазами маҳдудиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёт, пеш аз ҳама ба лоиҳаҳои дорои иқтидори содиротӣ, аз ҷумла таҳлили сабабҳои аз кишвар рафтани ширкатҳои хориҷӣ, бо таҳияи тавсияҳо ва тадбирҳои доимӣ ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти муайяншуда;

-ҷорӣ намудани занҷираи кор бо сармоягузорони хориҷӣ бо дарназардошти истифодаи маҷмуи тадбирҳои якҷояи дастгирии молиявӣ ва хизматрасонии бахшҳои ба содирот нигаронидашуда, корхонаҳо ва лоиҳаҳо;

-андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани малакаи корӣ ва таҳлилии кормандони мақомоти дахлдори масъули ҷалби сармоя, новобаста аз сатҳи идоракунӣ, инчунин коркарди механизми нигоҳ доштани кадрҳои соҳибихтисос;

-муқаррар намудани ҳадди ақалли амалисозии 1-2 лоиҳаи сармоягузорӣ дар минтақа бо дарназардошти масъулияти шахсии роҳбарони аввали мақомоти давлатӣ ва роҳбарони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ.

94. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои нисбатан муҳимми ҳавасмандгардониҳои махсус барои сармоягузорон инҳо бояд бошанд:

- ҳавасмандиҳои андозӣ (фискалӣ): рухсатиҳои андозӣ, имтиёз дар мавриди андоз аз фоида, имтиёз нисбати маблағҳое, ки барои сармоягузорӣ ва сармоягузории такрорӣ истифода карда мешаванд, низоми босуръат (сареҳ)-и азҳисоббарориҳои истеҳлокӣ (амортизатсионӣ), имтиёз дар мавриди андози даромад барои кормандони хориҷии корхонаҳо бо иштироки хориҷиён, имтиёз ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти савдои хориҷӣ, имтиёз дар мавриди воридоти технологияҳои нав ва ғайра;

- ҳавасмандиҳои молиявӣ: пардохтани субсидияҳои ҳукуматӣ барои пӯшонидани як қисми хароҷоти оғози фаъолият, пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок ё кафолатҳо барои қарзҳо, таъмин намудани шароити имтиёзноки суғуртакунии давлатӣ, иштироки давлат дар сармояи саҳомӣ, ҳавасмандгардонии андӯхт ва таъсиси фондҳои сармоягузорӣ;

- таҳия ва амалисозии барномаҳои мақсадноки сармоягузорие, ки ба рушди минтақаҳои сусттараққиёфта ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар равона карда шудаанд. Таъминоти иқтисодии амалисозии барномаҳои мақсадноки сармоягузорӣ, асосан, бояд тавассути беҳтарсозии механизми молиявии ҷалби сармоягузориҳо ба таҳияи низоми баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳо анҷом дода шавад. Таъминоти ҳуқуқии амалисозии ин барномаҳо андешидани тадбирҳои маҷмуӣ оид ба идома додани ислоҳоти қонунгузорӣ, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ва шаффофияти иттилоотро тақозо менамояд;

- бекор кардани раводидҳо (визаҳо) ё тартиби содагардидаи додани раводидҳо ба сармоягузорон (роҳбарон ва намояндагони зинаи роҳбарикунанда, инчунин мутахассисони баландихтисоси ширкатҳои дорои технологияҳои рушдёфта) барои анҷом додани музокирот, шиносоӣ бо истеҳсолот, бастани шартномаҳо. Асос барои вуруд ба ҳудуди

Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни раводид дар ин ҳолат бояд даъватномаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ шавад;

- таҳия ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳар сол на дертар аз 30 июни соли ҳисоботӣ) пешниҳод кардани ҳисоботи миллии сармоягузории дарбаргирандаи таҳлили тамоюлҳои ҷаҳонӣ, натиҷаҳои ҷории кор оид ба ҷалби сармоягузорӣ, натиҷаҳои раддабандии сармоягузорӣ, инчунин пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;

- коҳиш додани сарбории расмиёти оғози фаъолияти истихроҷӣ, аз ҷумла тавассути раванди пешниҳоди муттаҳидкунии иҷозатномаи ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ва сертификати ҳуқуқи истифодаи замин.

## §4. Таҳкими шакл ва механизмҳои ҳамкорӣ

95.Таҳкими шакл ва механизмҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ тавассути инҳо ба роҳ монда мешавад:

-васеъ намудани доираи амали қонунгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба лоиҳаҳои дорои хусусияти тиҷоратӣ, инчунин дар сатҳи қонунгузорӣ мушаххас намудани категорияи лоиҳаҳо вобаста ба талаб намудани ҷуброни тамоми хароҷоти шарики хусусӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ; талаб намудани ҷуброни хароҷоти амалиётӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва талаб нагардидани ягон чораи молиявии дастгирии давлат ва манбаъҳои ҷуброни хароҷот аз буҷети давлатӣ;

-таҳияи арзёбии рейтингии сифати амалисозӣ ва идоракунии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, лоиҳаҳои дар доираи созишномаҳои сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои дар доираи сармоягузории давлатӣ амалишаванда;

-ташкили фонди маблағгузории таҳия ва омодасозии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

-омӯзиши имконияти ҷорӣ намудани механизми кафолатдиҳии ҷуброни хавфҳои мустақим ва шартии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин дастурамали тақсимот ва арзёбии хавфҳо оид ба лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

-таъсис додани портали ягонаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани занҷираи «таҳия-ташхис-мувофиқа-баимзорасонии созишнома-амалисозӣ-тавсия барои ислоҳи камбудӣ ба бахши хусусӣ ва онлайн-омӯзиши намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ»;

-аз рӯйи маблағгузорӣ, минтақа ва соҳа гурӯҳбандӣ намудани лоиҳаҳо ҷиҳати истифодаи механизми баимзорасонии созишномаҳои сармоягузорӣ;

-дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»;

-роҳандозии механизми ҷалби амонатҳои аҳолӣ барои вусъат додани сармоягузории дохилӣ тавассути ҷорӣ намудани платформаҳои махсус, аз ҷумла платформаи краудфондинг;

-истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҷиҳати таъсиси биржаҳои фондӣ ва тарҳрезии механизми дастраси сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки ширкатҳои ватанӣ тавассути суғуртакунонии маблағи сармоягузоришаванда;

-ҷоннок намудани раванди хариду фурӯши саҳмияҳои ҷамъиятҳои дорои саҳми давлатӣ;

-баррасии имконияти дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ таъсис додани фонди маблағгузории рушди ширкатҳои «технологияи молиявӣ (финтех)»;

-омӯзиши ташкили шароити иштироки ширкатҳои суғуртавӣ дар низоми таъминоти аҳолӣ бо нафақа, инчунин раванди рушди манбаъҳои алтернативии маблағгузории бонкӣ, аз ҷумла тавассути ҷалби ташкилотҳои суғуртавӣ, фондҳову ҷамъиятҳои дорои ҳиссаи давлатӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ;

-тақвияти ҳамкориҳои минбаъда бо кишварҳои шарикони тиҷоратӣ ҷиҳати таъсис додани фонд ё ширкатҳои сармоягузорӣ;

-омӯзиши таҷриба ва дар ҳолати имконият роҳандозӣ намудани фаъолияти фонди сармоягузории инфрасохторӣ;

-рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ ва байналмилалӣ, таҳкими ҳамгироии иқтисоди миллӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ, иштирок дар амалисозии лоиҳаҳои муҳимми минтақавӣ ва байналмилалии иқтисодӣ, нақлиётию коммуникатсионӣ ва энергетикӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва ба бозорҳои нав баровардани субъектҳои тиҷорати миллӣ;

-ташаккул додани феҳристи ширкатҳои дорои мақоми ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҷиҳати роҳандозии ҳамкорӣ барои ташкил намудани мудирияти марказии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тақвияти фаъолияти мақомот дар ҳама сатҳи идоракунӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани принсипҳои рушди сабз ва таҳкими ҳамкорӣ бо фондҳои байналмилалии иқлимӣ;

-барӯйхатгирии корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонии ватанӣ ҷиҳати пешниҳоди ҷойгиркунии ибтидоии коғазҳои қиматнок (IPO)-и онҳо дар биржаҳои байналмилалии фондӣ;

-ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ворид намудани муқаррарот оид ба тартиб (талабот)-и листинг барои субъектҳои фаъолияти венчурӣ, қоидаҳои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла ворид намудан ва берун баровардани воситаҳои молиявӣ, содагардонӣ ва яккелкунии расмиёти харид ва фурӯши саҳмияҳо;

-омӯзиши таҷрибаи пешрафта ҷиҳати ҷорӣ намудани принсипи ESG (риояи занҷираи ҳифзи муҳити зист, сиёсати иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ) ва муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин самт ҷиҳати танзими минбаъдаи татбиқшавӣ;

-андешидани чораҳо барои таҳияи воситаҳои устувори маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағгузории сабз, ки ба принсипҳои ESG ҷавобгӯй мебошанд;

-тақвияти ҳамкорӣ бо тамоми созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд дар доираи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва риояи принсипи баробарӣ;

-таҳкими фаъолияти Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ

## §5. Баланд бардоштани нуфузи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастрасӣ ба маълумоти боэътимод

96.Баланд бардоштани нуфузи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастрасӣ ба маълумоти боэътимод тавассути инҳо ба роҳ монда мешавад:

- андешидани тадбирҳо оид ба беҳтарсозии дастрасӣ ба иттилоот ва пешниҳод кардани иттилооти пурра дар бораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои мухталифи кишвар;

- инъикоси пешбурди фаъолиятҳои ҷорӣ оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ва миллӣ;

- вобаста ба хусусияти ҳар як минтақаи кишвари хориҷӣ таҳия намудани муаррифиномаҳои муносиби инъикосгари иқтидори сармоягузорӣ ва афзалиятҳои роҳандозиву тақвияти ҳамкорӣ дар ин раванд;

- мунтазам навкунӣ ва интишори маводи иттилоотию таҳлилӣ оид ба вазъи бахшҳои иқтисод, тафсирҳои соҳавӣ, маҷмуаҳои оморӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисод, тафсирҳои нархҳо ва монанди инҳо;

- дар сомонаи мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мунтазам интишор намудани рӯйхати лоиҳаҳои амалишаванда ва банақшагирифташудаи сармоягузорӣ, инчунин лоиҳаҳои ба сармоягузорӣ ниёздошта бо тақсимбандии намуди сармоя, аз ҷумла сармояи хориҷӣ ва давлатӣ;

- мунтазам ташкил намудани анҷумани сармоягузорӣ ва дар доираи он ташкил кардани намоишгоҳи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин бо ҷоизаҳо қадрдонӣ намудани сармоягузорони дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ саҳмгузошта;

- таҷдиди назар намудани тартиби интихоби номзадҳо ба вазифаи намояндагони тиҷоратӣ, аз ҷумла бо дарназардошти ҷорӣ намудани сатҳи баланди тахассуснокӣ;

- бозбинӣ намудани раванди ҷудо кардани квота ба сармоягузорон барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ва бо дарназардошти имконият ҷорӣ намудани рӯйхати ихтисосҳои дорои талаботи баланд.

## 5. СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ВА ИҚТИДОРҲОИ СОҲАВИИ ҶАЛБИ САРМОЯ

### §1. Соҳаи энергетика

97.Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги неруи таҷдидшаванда – энергияи «сабз» буда, аз рӯйи истифодаи он дар ҷаҳон дар мақоми шашум ҷой гирифтааст. Ҳудуди 98 дарсади неруи барқи дар кишвар тавлидшавандаро неруи таҷдидшавандаи энергия, асосан, гидроэнергетика, ташкил медиҳад.

98.Иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон аз талаботи имрӯзаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ду маротиба бузург буда, то имрӯз танҳо 5 дарсади он аз худ карда шудааст. Ин захираи бузурги энергияи «сабз» дар оянда метавонад на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, инчунин Афғонистон ва Покистон, ки Тоҷикистон бо онҳо тавассути хатти баландшиддати CASA-1000 пайваст шуда истодааст, хизмат расонад.

99.Иқтидори энергияи офтоб ва бод низ дар Тоҷикистон хеле зиёд буда, ҳануз истифода нашудаанд. Давомнокии солонаи дурахши офтоб дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 300 рӯзро ташкил дода, иқтидори аз лиҳози иқтисодӣ асосноки он 369 600 МВт-ро ташкил медиҳад, иқтидори энергияи бодӣ бошад, ба 4 485 МВт баробар аст, ки он низ то кунун истифода нашудааст.

100.Бо ин мақсад, айни замон дар кишвар сохтмони НБО-и «Роғун» бо иқтидори 3600 МВт ва НБО-и «Себзор» бо иқтидори 11 МВт идома дошта, асосноккунии техникию иқтисодии НБО-и «Шӯроб» бо иқтидори 850 МВт омода шуда истодааст. Инчунин, дар якҷоягӣ бо ҷониби Ӯзбекистон асосноккунии техникию иқтисодии неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон бо иқтидори умумии 320 МВт таҳия шуда истодааст.

101.Дар баробари ин, дар якҷоягӣ бо Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон сохтмони хатти баландшиддати CASA-1000 барои таҳвили энергияи «сабз» ба Осиёи Ҷанубӣ дар марҳилаи ниҳоӣ қарор дошта, соли 2024 Тоҷикистон пас аз 15 сол дубора ба низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ пайваст гардид.

102.Бо истифода аз заминаҳои ҳуқуқии амалкунанда, то ин вақт дар Тоҷикистон бо ҷалби сармояи хориҷӣ бунёди неругоҳи барқи обии Сангтуда-1 бо иқтидори 670 МВт, неругоҳи барқи обии Сангтуда-2 бо иқтидори 220 МВт, барқтаъминкунии Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ва консессияи «Помир энерҷӣ» амалӣ шудаанд. Дар баробари ин, бо ҷалби бахши хусусӣ дар Тоҷикистон лоиҳаи гузаштан ба низоми биллингӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе амалӣ гардида, созишномаи иловагӣ барои амалисозии чунин лоиҳа дар 16 шаҳру ноҳияи дигар ба имзо расонида шудааст.

103.Идоракунии шабакаҳои тақсимоти барқ низ дар кишвар барои панҷ сол ба бахши хусусӣ – консорсиуми байналмилалӣ зери роҳбарии ширкати «TATA Power» дода шудааст, ки дар асоси натиҷаҳои он тасмими ниҳоӣ барои ҷалби бахши хусусӣ ба ин низоми муҳим гирифта хоҳад шуд.

104.Зимнан, солҳои охир бинобар рушди босуръати иқтисод, афзоиши аҳолӣ, рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои наву инноватсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар талабот ба неруи барқ афзоиш ёфта, равандҳои ҷаҳонӣ хусусан гармшавии иқлим ва обшавии пиряххо аҳаммияти энергияи «сабз»-ро рӯз аз рӯз зиёд намуда истодаанд.

105.Дар ин замина, аз ҷумла таваҷҷуҳ ба истифодаи гидрогени «сабз» сол то сол зиёд шуда истодааст, ки Тоҷикистон бо захираҳои бузурги обиву гидроэнергетикӣ зарфияти бузурги истеҳсоли онро доро мебошад.

106.Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон талабот ба неруи барқ ҳамасола 5-7 дарсад афзоиш дошта, чунин ҳолат дар кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ низ ҷой дорад. Дар ин замина Афғонистон ва Покистон, ки Тоҷикистон бо онҳо тавассути хатти баландшиддати CASA-1000 пайваст мешавад, бозори бисёр муносиб дониста мешавад, чун дар Афғонистон ҳамагӣ 30-40 дарсади аҳолӣ бо барқ таъмин асту дар Покистон низ дар фасли тобистон норасоии шадиди неруи барқ мавҷуд мебошад.

107.Бо дарназардошти ин, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи неруи барқи таҷдидшаванда ё энергияи «сабз» дар Тоҷикистон муфид дониста шуда, сармоягузорон метавонанд дар самтҳои зерин саҳмгузорӣ намоянд:

- сохтмони неругоҳҳои барқи обии миёна ва бузург, аз ҷумла НБО-и «Шӯроб» (800МВт), НБО-и «Ёвон» ва НБО-и «Айнӣ» бо иқтидори умумии 320 МВт, НБО «Санобод» бо иқтидори 500 МВт дар се марҳила ва ғайра;

- сохтмони неругоҳҳои офтобӣ, бодӣ ва инчунин энергияи геотермалӣ, аз ҷумла тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- ҷорӣ кардани низоми биллингӣ ва дигар намуди механизмҳо барои истифодаи самараноки неруи барқ;

- идоракунии шабакаҳои алоҳидаи тақсимоти барқ тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- ташкили низоми устувори фуруши неруи барқ барои нақлиёти барқӣ;

- бунёди хатҳои истеҳсоли гидрогени «сабз», бо таваҷҷуҳ ба содироти он ба кишварҳои дигар;

- намуди дигари фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

108.Бо дарназардошти сол то сол зиёд шудани талабот ба неруи барқи таҷдидашаванда барои гузаштан ба иқтисоди «сабз», имкониятҳои фаровони Тоҷикистон дар ин самт, бешубҳа, метавонад мавриди таваҷҷуҳи махсуси сармоягузорон гардад.

## §2. Бахши саноат

109.Соҳаи саноати Тоҷикистон яке аз бахшҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишварро барои солҳои 2020-2030 ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудааст.

110.Ҷиҳати ба роҳ мондани истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ба содирот равона сохтани маҳсулоти ивази воридот пайваста чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, то соли 2030 ба 30 дарсад баланд бардоштани ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва дар ин муддат гузариши кишвар аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ афзал дониста мешавад.

111.Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ ба маблағи зиёда аз 45,0 млрд сомониро талаб менамояд.

112.Бо дарназардошти ин ва мавҷудияти захира ва имкониятҳо соҳаи саноат яке аз бахшҳои асосӣ ва ҷолиби кишвар барои сармоягузорон ба ҳисоб меравад. То имрӯз зиёда аз нисфи сармояи ба Тоҷикистон воридшуда маҳз ба соҳаи саноат рост меояд.

113.Саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металҳои қиматбаҳо аз муҳимтарин ва ҷолибтарин бахши соҳаи саноати кишвар маҳсуб ёфта, дорои зарфияти хеле зиёд мебошад.

114.Тоҷикистон аз лиҳози истеҳсоли сурма дар ҷаҳон дар ҷойи 2-юм меистад. Яке аз конҳои калонтарини нуқра дар ҷаҳон – «Конимансури калон» бо иқтидори зиёда аз 60 ҳазор тонна дар Тоҷикистон ҷойгир буда, ҳанӯз истифода карда нашудааст.

115.Тибқи маълумоти Фонди иттилоотии геологӣ дар ҷумҳурӣ 26 кони аслӣ ва пошхӯрда мавриди коркард қарор доранд, ки захираи умумии онҳо зиёда аз 149,5 млн тонна маъдан ва 33140,6 ҳазор м3 қуми зардорро (76,2 млн тонна) ташкил медиҳанд. Дороии тиллои Тоҷикистонро 130 кон бо захираҳои баҳисобгирифтаи тиллои саноатӣ ва 120 зуҳуроти ғайрисаноатӣ ташкил мекунад.

116.Ҷанбаи муҳимми истихроҷу истеҳсоли ин маъданҳо дар Тоҷикистон ин истифода аз неруи барқи «сабз» аст, ки яке аз талаботи асосии рушди минбаъдаи инсоният маҳсуб меёбад. Маъданҳои мазкур дорои сертификати «сабз» гашта, аз андози «карбон», ки дар баъзе кишварҳои аврупоӣ аллакай ҷорӣ карда шудаанд, озод мегарданд.

117.Саноати хӯрокворим кишвар низ дорои захираҳои бузург ва ояндадори ашёи хом ва иқтидори калони содиротию ивазкунандаи воридот буда, ҷалби сармоя ба он бо дарназардошти талаботи мавҷуда дар бозорҳои дохил ва хориҷи кишвар манфиатбор дониста мешавад. Ин, пеш аз ҳама, ба консерваҳои меваю сабзавот, обҳои минералӣ, шарбатҳо, маҳсулоти машруботӣ, намак, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дахл дорад.

118.Мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла дар соҳаи коркарди гандум 2,5 млн тонна, шир 150,0 ҳазор тонна, маҳсулоти гӯштӣ 30,0 ҳазор тонна, зироатҳои равғандиҳанда 80,0 ҳазор тонна, истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ 30,0 ҳазор тонна, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ 100,0 млн декалитр, қувваи кории нисбатан арзон ин бахши саноатро барои сармоягузорон ҷолиб мегардонад.

119.Саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Тоҷикистон дорои имкониятҳои зиёд буда, дар кишвар зиёда аз 420 конҳо бо захираи 30 намуди ашёи хом (серпантинит, кварсит, порфирит, перлит, габбро, санги хоро, гранодиорит, диорит, мармар, оҳаксанги мармарӣ, гач, садаф, травертин, суглинка, реги кварсӣ) кашф ва омӯхта шудаанд.

120.Давоми солҳои охир дар соҳа маҳсулоти нави воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла семент, пахтаи минералӣ аз санг, рангҳои аккрилӣ, қубурҳои пластикӣ, хишти ороишӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Вале талабот ба маҳсулоти сохтмонӣ сол то сол зиёд шуда, аксари чунин маҳсулот аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд, аз ҷумла кошин ва шишаи сохтмонӣ. Вобаста ба ин, сармоягузорӣ ба ин бахш ва ҷорӣ намудани технологияҳои такмилёфтаи истеҳсоли ин маҳсулот дар дохили кишвар афзал дониста мешавад.

121.Саноати сабуки Тоҷикистон низ дорои имкониятҳои зиёд барои сармоягузорӣ мебошад. Дар ҳоле, ки истеҳсоли пахтаи хом дар кишвар зиёда 400 ҳазор тоннаро ташкил мекунад, иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркарди нахи пахта ҳамагӣ ҳудуди 87 ҳазор тоннаро дар як сол ташкил медиҳад.

122.Сармоягузорӣ ба ин бахш ҷиҳати истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси корхонаҳои нав имконият медиҳанд, ки то соли 2037 ҳаҷми истеҳсоли риштаи пахтагин 166,6 дарсад, матоъҳои пахтагин 25 баробар, маҳсулоти кешбофӣ 3,1 баробар, ҷуробҳо 4,8 баробар, қолинҳо 2,1 баробар, пойафзол 185,3 дарсад, мебел 118,9 дарсад ва адрасу атлас 9,0 баробар афзоиш ёбанд.

123.Дар мамлакат иқтидори коркарди 2 млн дона пӯст вуҷуд дорад. Ҷиҳати ба эътидол овардани фаъолияти корхонаҳои коркарди пашм ва пӯст маҳдудияти содироти ашёи хоми номбаршуда ва ҷалби сармоягузорӣ барои воридоти технологияи дахлдор зарур мебошад.

124.Мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ, нахи пахта, пӯст, пашм ва пилла, афзоиши талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти тайёр (сару либос, қолин, ҷӯроб, пойафзол, мебел, халта) ва имконияти содироти онҳо, шароити мусоид дар самти таъсиси корхонаҳои нав ин бахшро барои сармоягузорӣ ҷолиб менамояд.

125.Соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва кимиё яке аз соҳаҳои ҳаҷман васеи маҷмуӣ буда, истеҳсоли алюминийи аввалия, коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга, истеҳсоли техникаҳои гуногун, мошинолоти кишоварзӣ, дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолӣ, автобусҳо, таҷҳизоти электротехникӣ ва истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ барои хатҳои технологии истеҳсоли семент, таҷҳизоти хатҳои коркарди маъданҳои кӯҳиро дар бар мегирад.

126.Суръати афзоиши миёнаи солонаи истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои истеҳсоли трансформаторҳои баландшиддат то 2 баробар, кабелҳо 1,7 баробар, арматураи сохтмонӣ 2 баробар, қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳои кишоварзӣ 4,6 баробар ва ноқилҳои баландшиддат 2,5 баробар ба нақша гирифта шудааст.

127.Дар заминаи иқтидорҳои корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» кластерҳое таъсис ва рушд меёбанд, ки коркарди алюминийи аввалияро то маҳсулоти ниҳоӣ анҷом медиҳанд.

128.Самтҳои асосии рушди саноати кимиёи Тоҷикистон ба гузаронидани тадқиқотҳо ҷиҳати муайян намудани манбаъҳои ашёи хоми истеҳсолӣ барои ба кор андохтани коргоҳҳои нав, омӯзиш ва таҳқиқотҳои илмӣ оид ба муайян намудани таркиб ва файзнокии зуҳуротҳои фосфоритдори ҷумҳурӣ бо мақсади таъсиси истеҳсолоти муосири нурии минералии фосфордор вобаста мебошанд ва дар ин самт дар оянда зарур аст, ки корҳо бо шарикони рушд тақвият бахшида шаванд.

129.Воридоти зиёди маводи доруворӣ ва маҳсулоти гуногуни дармонбахшӣ аз гиёҳҳои шифобахш аз хориҷи кишвар, бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолӣ ва талабот ба онҳо боло рафта, ташкили технопарк, кластери фармасевтӣ ва коркарди гиёҳҳои шифобахши ватанӣ яке аз самтҳои асосии саноати кимиёӣ ба ҳисоб меравад.

130.Мавҷудияти захираҳои энергетикӣ, иқтидор ва инфрасохтори зарурӣ, потенсиали кадрӣ барои афзоиш додани истеҳсоли алюминии аввалия, аз ҷумла тавассути ба кор даровардани силсилаи 5 ва 6-и ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик», ки дар маҷмуъ барои амалисозии он маблағи 120,0 млн доллари ИМА пешбинӣ карда мешавад, метавонад дар ояндаи наздик ба афзоиши иқтидори истеҳсолии соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия замина гузорад.

131.Сиёсати инноватсионӣ дар саноат тақозои онро дорад, ки муассисаҳои илмию таҳқиқотии академиявӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таълимии олӣ амалияи тиҷоратикунонии лоиҳаҳои инноватсиониро бештар фаъол гардонанд.

132.Бо дарназардошти рушди соҳаи саноат ва зарфияту захираҳои мавҷуда ҷалби сармоя ба самтҳои зерин муфид дониста мешавад:

- дар саноати маъданҳои кӯҳӣ – ташкили истеҳсолоти маҳсулоти тайёр аз консентратҳои сурб, руҳ, мис, истифодаи технологияҳои дар як раванд ҷудо намудани металлҳои ҳамроҳ, аз қабили тилло, нуқра ва металҳои нодиру камёфт;

- дар саноати хӯрокворӣ – ташкил ва рушди истеҳсоли ғизои функсионалӣ, диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулотҳои ниҳоӣ ва нимтайёри ғизоии ҷавобгӯй ба талаботи муосир, ташкили кластерҳои содиротӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ барои баромадан ба бозорҳои беруна, истифодаи технологияҳои бе партов ва маводҳои бастабандии биологию такроран коркардшаванда, автоматикунонии истеҳсолот барои васеъгардонии иқтидорҳо ва коҳиш додани хароҷот;

- дар саноати сабук – истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ (либоси мактабӣ) ва моделҳои нави пойафзоли мардона, занона ва кӯдакона, истеҳсоли матоъ аз атласу адрас, қолинбофии дастӣ;

- дар саноати масолеҳи сохтмон – ҷорӣ намудани технологияҳои такмилёфтаи истеҳсоли гаҷкартон, кошинҳо ва шиша;

- дар саноати мошинсозӣ ва кимиё – истеҳсоли феррохӯлаҳо, қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизоти технологии корхонаҳои саноатӣ, сохтмон ва роҳсозӣ, мошинолоти кишоварзӣ.

### §3. Бахши нақлиётию логистикӣ

133.Маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоиро муттаҳид сохта, хоҷагии роҳҳои автомобилгардро дар бар мегирад.

134.Дар кишвар 4 фурудгоҳи байналмилалӣ ва даҳҳо фурудгоҳҳои маҳаллӣ, ҳудуди 958,7 км хатти роҳ оҳан, 14 314 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва 10289 км роҳҳои автомобилгарди ғайри истифодаи умум бо шароити зарурӣ фаъолият намуда, ба мардум ва хоҷагии халқи мамлакат хизмат мерасонанд.

135.Бо дар назар доштани муҳиммияти соҳа ва зарурати таъмини дастрасӣ ба бозорҳои минтақа ва ҷаҳон, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат эълон шуда, Ҳукумати кишвар барои ноил гаштан ба ин ҳадаф иқдомҳои зиёдеро амалӣ намуд. Аз ҷумла дар ин давра тавассути лоиҳаҳои бузургҳаҷми сармоягузории давлатӣ даҳҳо км роҳҳои автомобилгард, 219 км хатти роҳи оҳан, 6 туннели калон бо дарозии умумии зиёда аз 28,6 км, даҳҳо пули бузург бо дарозии умумии 5 км, аз ҷумла 7 пул

дар болои дарёи Панҷ дар сарҳад бо Афғонистон ва инфрасохтори дигари муҳимми соҳавӣ сохта шуда, корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

136.Вобаста ба шароити хоси табиию иқлимии Ҷумҳурӣ, ки 93 дарсади масоҳати онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар воситаҳои нақлиёт дорои бартарияти муҳими стратегӣ, хусусан дар самти таъмини интиқоли мунтазами дохилӣ ва фарогирии ҳамаи минтақаҳои мамлакат мебошад.

137.Бо рушди нақлиёти автомобилӣ, тавсеаи шабакаи роҳи оҳан чун калонтарин интиқолдиҳанда дар самти ҳамлу нақли байналмилалӣ низ ҳамчун омили муҳимми сохтори нақлиётии кишвар муайян гардидааст.

138.Давлат барои ташаккули хабҳои муосири муҷаҳҳазшудаи мултимодалии боркаш, ки ба ҳам пайвастани нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ шароит фароҳам меорад

139.Барои рушди инфрасохтори логистикӣ, бахусус «сабз», бо дарназардошти ҷорисозии технологияи рақамӣ, ки долонҳои транзитии бефосиларо таъмин менамоянд, имкониятҳои зиёд мавҷуд мебошад.

140.Сармоягузорӣ дар бахши нақлиёт ва логистикаи Тоҷикистон дар самтҳои зерин барои сармоягузорон метавонад ҷолиб бошад:

1)Сармоягузориҳои инфрасохторӣ: сохтмон ва навсозии марказҳои логистикӣ, анборҳо, узелҳои тақсимотӣ, тараккиёти узелхои нақлиёт — бандарҳо (дар хориҷа барои эҳтиёҷоти Тоҷикистон), аэропортхо, терминалхои рохи охан, таъсиси терминалҳои интермодалӣ барои пайвасти самараноки намудҳои гуногуни нақлиёт;

2)Мошинҳо: харидорӣ ё иҷораи воситаҳои нақлиёт – мошинҳои боркаш, яхдон, систерна, қаторахо ва ё ҳавопаймоҳо, маблаггузорй ба электриконидани хати роҳи оҳан ва парки автомобилӣ (мошинхои боркаш, гидроген ва ғайра) дар заминаи «логистикаи сабз»;

3)Қарорҳои IT ва рақамӣ: низомҳои WMS, TMS, ERP платформаҳои рақамӣ барои идоракунии занҷираи таъминот, сармоягузорӣ ба стартапҳо, ки технологияҳои пайгирии бор, автоматикунонии равандҳо ва оптимизатсияи масирро таҳия мекунанд, IoT ва Big Data барои мониторинги нақлиёт, пешгӯйи талабот ва ғайра;

4)Воситаҳои молиявӣ: хариди саҳмияҳо ё вомбаргҳои ширкатҳои логистикӣ, сармоягузории венчурӣ ба стартапҳои логистикии технологӣ, фондҳои сармоягузорӣ (ETF ё REIT) ба нақлиёт ва логистика;

5)Аутсорсинг ва франчайзинг: сармоягузорӣ ба франчайзингҳои логистикӣ ба монанди интиқоли экспресс, хизматрасонии хаткашон, эҷоди операторҳои 3PL ё 4PL бо қобилияти пешниҳоди хизматрасониҳои ҳамаҷонибаи логистикӣ;

6)Логистикаи сабз: инфрасохтори энергияи алтернативӣ – истгоҳҳои барқгиранда, сақфҳои офтобӣ дар анборҳо, сармоягузорӣ ба коркарди дубораи бастаҳо, оптимизатсияи ҷараёни боркашонӣ барои кам кардани партовҳо.

## §4. Комплекси кишоварзӣ

141.Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқлими бисёр мусоид, заминҳои ҳосилхез ва захираҳои оби фаровон мебошад, ки барои рушди соҳаи кишоварзӣ заминаи воқеӣ мегузорад. Маҳз ба ин хотир, ин соҳа дар кишвар хеле рушд карда, ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти кишвар табдил ёфтааст.

142.Айни замон, тақрибан 23 дарсади ҳиссаи ММД, зиёда аз 20 дарсади ҳиссаи содирот ва зиёда аз 70 дарсади шуғли аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки аз нақши муҳимми он дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар шаҳодат медиҳад.

143.Дар Тоҷикистон 863 ҳазор гектар заминҳои обӣ мавҷуд буда, дар майдони 600 ҳазор гектари он кишти зироатҳои кишоварзӣ ба роҳ монда шудааст. Дар оянда бо азхудкунии заминҳои нав ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо имконияти то 1,5 млн гектар расонидани заминҳои кишт мавҷуд мебошад.

144.Илова ба ин, иқлими мусоиди минтақаҳои ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки майдонҳои боғу токзорҳои ҳосилнокиашон баланд бунёд ва барқарор карда шуда, дар заминҳои таллу теппаҳои бо намӣ таъмин ҳамасола майдони он зиёд, инчунин дар доманнакуҳҳо кишти зироатҳо ба роҳ монда шуда, талаботи аҳолӣ, корхонаҳои коркард бо ашёи хом пурра таъмин ва як қисми он ба содирот равона карда шавад.

145.Бо рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ майдони боғу токзор ба 208,4 ҳазор гектар расонида шудааст, ки аз он 170,1 ҳазор гектар боғ ва 38,3 ҳазор гектарро токзор ташкил медиҳад.

146.Меваю сабзавоти дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда хеле хуштаъму хушмазза буда, аз лиҳози экологӣ тоза мебошанд. Дар кишвар ҳамасола зиёда аз 1,2 млн тонна меваҷот, 3,2 млн тонна сабзавот, 1,3 млн тонна полезӣ истеҳсол карда шуда, зиёда аз 50 дарсади онҳо ҳам тариқи тару тоза ва ҳам тариқи хушк, бастубандӣ шуда, ба берун аз кишвар содирот карда мешаванд.

147.Зарфияти содиротии кишвар дар ин бахш хеле зиёд аст, аммо норасоии марказҳои агрологистикӣ, сардхонаҳо ва инфрасохтори дигари зарурӣ имкон намедиҳад, ки ин зарфият ба пуррагӣ истифода карда шавад.

148.Яке аз зироатҳои асосии содиротии кишварро пахта ташкил мекунад, ки истеҳсоли он солона то 400 ҳазор тонна мерасад. Зимнан зарфияти корхонаҳои коркарди пахта ҳамагӣ 125 ҳазор тоннаро ташкил дода, айни замон боқимондаи он ба таври хом содирот карда мешавад. Ҳол он ки ташкили кластерҳо дар ин бахш тавассути механизми «истеҳсол – коркарди ниҳоӣ» метавонад арзиши иловашударо ба бор орад.

149.Дар баробари рушди растанипарварӣ иқлими мусоиди ҷумҳурӣ шароити хубро барои чорвопарварӣ, кутоспарварӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбури асалпарварӣ фароҳам овардааст, ки ин бахшҳо ҳамасола рӯ ба афзоиш намуда истодаанд.

150.Бо рушди соҳаи чорводорӣ саршумори чорвои калони шохдор ба 2,8 млн. сар, чорвои майдаи шохдор ба 7,1 млн сар, асп ба 91,6 ҳазор сар, занбури асал ба 274,3 ҳазор оила ва парранда ба 12 млн сар расонида шудааст.

151.Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо гӯшти парҳезӣ шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ба 259 адад ва хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 464 адад расидааст.

152.Механикунонии инноватсионии соҳаи кишоварзӣ барои кам кардани арзиши аслии маҳсулот дар занҷираҳои истеҳсолу фурӯш нақши муҳим дошта, дар баробари 27 ҳазор адад техникаҳои мавҷудбуда, ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти хоҷагиҳо ворид намудани он зарур мебошад.

153.Айни замон қисми зиёди техникаи кишоварзии кишвар барои сари вақт гузаронидани чорабиниҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани сифати ҳосил ва маҳсулнокӣ ба таҷдиди ҷиддӣ эҳтиёҷ дорад.

154.Бозорҳои анъанавӣ барои содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон Россия ва Қазоқистон ба ҳисоб рафта, солҳои охир таваҷҷуҳи кишварҳои арабӣ ва аврупоӣ ба

маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст. Илова ба ин, Чин ва Ҳиндустон бо нуфузи хеле зиёди аҳолӣ метавонанд барои содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон бозори хуб шаванд.

155.Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Тоҷикистон бисёр муфид арзёбӣ гардида, зарфиятҳои мавҷуда имкон фароҳам меоранд, ки сармоягузорон даромади худ дошта бошанд. Дар кишвар аллакай якчанд лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо маблағгузории соҳибкорон аз Чин, Ҷопон, Россия мавриди амал қарор доранд.

156.Афзоиши талабот ба озуқаворӣ, зарфиятҳои мавҷуда, қувваи кории арзон ва имтиёзҳое, ки кишвар барои рушди соҳаи кишоварзӣ роҳандозӣ кардааст, имкониятҳои хуброб барои сармоягузорӣ дар ин соҳаи муҳим фароҳам овардаанд.

157.Бо дарназардошти ин, сармоягузорӣ ба самтҳои зерини рушди соҳаи кишоварзӣ бисер ҷолиб мебошад:

- кластеркунонии занҷираҳои арзиши иловашудаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар самти пахтакорӣ;

- сармоягузорӣ ба таъсиси кластерҳо ва агропаркҳо;

- механикикунонии кишоварзӣ тавассути харид ва азнавсозии техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ;

- сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтор, аз ҷумла бунёди анборҳо, сардхонаҳо ва иншооти коркарди меваю сабзавот;

- таъсиси марказҳои агрологистикӣ ҷиҳати мусоидат ба рушди содироти маҳсулоти кишоварзӣ.

## §5. Комплекси сайёҳӣ

158.Тоҷикистон дорои зарфияти бузурги сайёҳӣ мебошад. Табиати рангину дилфиреби кишвар асоси ин зарфиятро ташкил дода, дар баробари ин, таърихи қадимаву ғанӣ, фарҳанги бой, ҷашнҳои зебо ва дигар унсурҳои миллӣ ҷолибияти Тоҷикистонро ҳамчун кишвари сайёҳӣ дучанд менамоянд.

159.Дар Тоҷикистон калонтарин пиряхи дунё – Ванҷях (Федченко), яке аз кӯлҳои зеботарин ва баландкуҳтарини дунё - Сарез, баландтарин сарбанди сунъӣ дар ҷаҳон – Норак (сабт дар китоби рекордҳои Гиннес), дуюмин баландтарин парчампояи ҷаҳон (сабт дар китоби рекордҳои Гиннес), калонтарин неругоҳи барқии обӣ дар Осиёи Марказӣ – НБО «Норак», НБО «Роғун», ки баъд аз сохта ба истифода доданаш калонтарин НБО дар минтақа ва баландарин сарбанд дар ҷаҳон хоҳад буд, даҳҳо дигар объектҳои машҳуру ҷолиб мавҷуданд, ки таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб мекунанд.

160.Айни замон 14 мавзеъҳои табиию фарҳангии Тоҷикистон ба руйхати мероси ҷаҳонии Ташкилоти СММ оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ва 12 номгӯйи ҳунарҳову анъанаҳои миллии кишвар ба феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шудаанд, ки аз таърихи бою ғанӣ ва табиати зебою рангни кишвар шаҳодат мемдиҳанд.

161.Соҳиби ҷоизаи «Мамлакати ҷолибтарин дар Осиё барои саёҳати кӯҳнавардӣ» шудани ҷумҳурӣ (соли 2023), дар ҷойи якум қарор гирифтани ҷумҳурӣ аз лиҳози амнияту субот ва эътимоду боварии шаҳрвандон (Gallup Index 2022), шомил намудани ҷумҳурӣ ба рӯйхати «самтҳои ҷолиби сайёҳӣ» (2020), эълон намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари устувор ва осебнопазир барои саёҳат (2020) ва ба даст овардани унвони яке аз

беҳтарин самтҳои саёҳат дар «Шоҳроҳи Бузурги Абрешим» (2019) шаҳодати дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудани соҳаи сайёҳии Тоҷикистон мебошад.

162.Дар се соли охир Тоҷикистон дар сегонаи аввали феҳристи кишварҳои амнтарини дунё, ки ҳамасола аз ҷониби Пажуҳишгоҳи амрикоӣ «Gallup Institute» интишор мешавад, қарор дорад.

163.Аз лиҳози бозори сайёҳӣ низ кишвар бисёр ҷолиб дониста мешавад, чун кишвар дар масири «Роҳи Абрешим» қарор дошта, бо Чин, Афғонистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҳамсарҳадӣ ва аз кишварҳои дигари минтақа – Ҳиндустон, Русия, Қазоқистон, Туркманистон, Эрон, Покистон ва Туркия дар масофаи на он қадар дур ҷойгир аст. Аҳолии ҳамаи ин кишварҳо зиёда аз 3 млрд нафар ё зиёда аз 35 дарсади аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

164.Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи сайёҳон аз ин кишварҳо сол то сол зиёд шуда, Тоҷикистон бо дар назар доштани зарфиятҳои сайёҳӣ ва дастрас будани арзиши сафар метавонад барои онҳо макони хуби боздид гардад.

165.Нишондиҳандаҳои воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон низ шаҳодати он аст, ки кишвар сол то сол миёни сайёҳони хориҷӣ маҳбубият пайдо карда истодааст. Дар панҷ соли охир шумораи сайёҳони хориҷӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 1100,94-ро ташкил дода, суръати рушд солона 17,8 дарсадро ташкил менамояд.

166.Ҳукумати кишвар ба ин соҳаи муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуд, ки дар заминаи онҳо ин соҳаи басо муҳим рушди тоза ёфт.

167.Дар ин радиф, Ҳукумат якчанд иқдомҳоро барои ҷалби сармоя ба соҳаи сайёҳӣ ва рушди инфрасохтори он пиёда намуд, ки имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва кафолати ҳуқуқи сармоягузорон ва ҳимояи сармояи онҳоро таъмин менамояд.

168.Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали рушди инфрасохтори сайёҳӣ қарор дорад. Афзоиши босуръати шумораи сайёҳон ва рушди соҳа шумораи бештари меҳмонхонаву осоишгоҳ, тарабхонаву ошхонаҳо, фурудгоҳу роҳҳо, мағозаву дӯконҳои фурӯши маҳсулоти армуғонӣ ва инфрасохтори дигари лозимӣ, инчунин хизматрасониҳои гуногунро дар ин самти муҳим талаб менамояд.

169.Айни замон, дар кишвар 6 меҳмонхонаи панҷситорадор, 24 меҳмонхонаи чорситорадор, 271 меҳмонхонаи хурду миёна, 4 фурудгоҳи байналмилалӣ, зиёда аз 61 осоишгоҳу фароғатгоҳҳои хушманзара, 70 осорхона, 26 театр ва дигар иншооту объектҳо барои сайёҳон хизматрасонӣ мекунанд, ки бо дар назар доштани рушди босуръати соҳа ин басанда нест.

170.Вобаста ба ин, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҷолиб дониста шуда, сармоягузорон метавонанд дар самтҳои зерин саҳмгузорӣ намоянд:

- азнавсозии инфрасохтори нақлиётӣ: ҷалби сармоягузорӣ барои таъмир ва сохтмони роҳҳо, навсозии фурудгоҳҳо ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ;

- таъсиси низоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии сайёҳон (e-guest): ҷалби сармоягузорӣ барои амалисозии технологияҳои муосир барои сода кардани раванди бақайдгирӣ ва гирифтани маълумот дар бораи сайёҳон;

- рушди инфрасохтори будубош: ҷалби сармоягузорӣ барои бунёди меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангии ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ;

- таъсиси кластерҳо дар минтақаҳои асосии сайёҳӣ: ҷалби сармоягузорӣ барои таъсиси кластерҳои лижаронӣ, фароғатӣ ва фарҳангӣ, ки ба рушди соҳибкории маҳаллӣ мусоидат мекунанд;

- ташкили чорабиниҳо: баргузории форумҳо, симпозиумҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ барои ҷалби таваҷҷуҳ ба Тоҷикистон ҳамчун як макони сайёҳӣ;

- ташаккули лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои кластерҳои соҳавӣ: рушди кластерҳои махсус оид ба сайёҳии экологӣ, солимгардонӣ, таърихию фарҳангӣ ва кӯҳнавардӣ, шикор ва моҳидорӣ.

## §6. Бахши технологияҳои иттиллотию коммуникатсионӣ

171.Бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаҳои аввали рушд қарор дошта, Ҳукумати кишвар бо мақсади фароҳам овардани фазои муосир, шаффоф ва рақобатпазири сармоягузорӣ табдили босуръати рақамӣ ва рушди технологияҳои инноватсиониро ҳамчун афзалияти стратегӣ муайян кардааст.

172.Дар ин замина, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда ва солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуданд.

173.Пешбурди фаъолонаи консепсияҳои «иқтисоди сабз» ва «иқтисоди рақамӣ» инъикоси таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи давлат ба рушди устувор мебошад. Ташаббусҳои экологӣ дар якҷоягӣ бо технологияҳои рақамӣ барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ замина фароҳам оварда, ба коҳиш додани бӯҳрони экологӣ ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат мекунанд.

174.Тавозуни беназири энергетикии кишвар – 98 дарсад истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда – дороии муҳимест, ки на танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ба энергия, балки инчунин таъмини фаъолияти устувори инфрасохтори технологияҳои IT имкон медиҳад. Ҳадафи стратегии кишвар оид ба ноил шудан ба иқтисодиёти 100 дарсад сабз то соли 2037 имкониятҳои иловагиро барои сармоягузорӣ ва рушди технологияҳои сабз мекушояд.

175.Барои ҳавасмандгардонии рушди лоиҳаҳои инноватсионӣ механизмҳои гуногуни маблағгузории муосир ҷорӣ карда мешаванд. Ташкили «Фонд барои Фондҳо» («Fund for Funds») ворид намудани чунин механизмҳо, аз ҷумла фондҳои венчурӣ, краудфандинг, фонди сармояи мустақим (FDI), Фонди сармоягузории «ангелӣ», Фонди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ғайраро дар назар дорад. Ин имкон медиҳад, ки ҳам ба марҳилаҳои аввали рушди стартапҳо ва ҳам барои лоиҳаҳои калони устувор дастгирии молиявӣ расонад.

176.Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба инноватсия ва гузариши рақамӣ дорои сатҳи баланди салоҳият ва кадрҳои соҳибихтисос мебошад. Мақомоти соҳавӣ ба рушди чунин самтҳо ба мисли: IoT, AI, Blockchain, GovTech, E-Gov, E-Commerce, CyberSecurity, Green Data Center, Neo Banking, AgroTech, Industry 4.0/5.0, Digital Assets, CryptoCurrency, E-Documentation, E-Signature, DigitalTech, Digital Transformation ва ғайраҳо мусоидат мекунанд.

177.Ҳукумати электронӣ дар кишвар дар ҳоли рушд қарор дошта, корҳо ҷиҳати фаро гирифтани ҳама сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ин низом бомаром ҷараён доранд. Хизматрасониҳои дигари электронӣ низ, аз қабили савдои электронӣ, таҳсилоти электронӣ, тибби электронӣ, хизматрасониҳои бонкии электронӣ ва ғайра, ҳанӯз пурра ҷорӣ карда нашудаанд.

178.Айни замон, аз 64 шаҳру ноҳияи кишвар танҳо дар пойтахт – шаҳри Душанбе низоми «Шаҳри ҳушманд» бо истифода аз технологияҳои муосири назорат ҷорӣ карда шуда, корҳо ҷиҳати истифодаи чунин низом дар шаҳрҳои Бохтар, Хуҷанд, Ваҳдат, Турсунзода ва Панҷакент дар марҳилаи баррасӣ қарор доранд. Шаҳру ноҳияҳои дигари кишвар интизори сармоя ба ин самти муҳим мебошанд.

179.Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди зеҳни сунъӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Ҳукумати кишвар соли 2022 «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро қабул намуд.

180.Дар заминаи ин барнома, баъзе стартапҳои кишвар, аз қабили Zypl.ai, Epsilon3.ai, AION ва Zehn.ai босуръат рушд карда, аллакай дар бозори зеҳни сунъии на танҳо минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дигар кишварҳо мақоми худро пайдо кардаанд. Муваффақияти ин ширкатҳо шаҳодати он аст, ки зарфияти Тоҷикистон дар ин самт, хусусан, аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманд хеле зиёд аст.

181.Соли 2024 дар Тоҷикистон аввалин IT-Park бо ҳама шароити зарурӣ кушода шуд, ки ба ширкатҳои навкор дастрасӣ ба инфрасохтор ва машваратҳоро фароҳам оварда, имтиёзҳои андоз, иҷора ва имтиёзҳои дигари иқтисодиро пешниҳод мекунад. Айни замон, зиёда аз 10 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун резидент дар IT-Park худро ба қайд гирифтаанд.

182.Ба шарофати имконияти истиқомати берунӣ, соҳаи аутсорсинги равандҳои бизнес (BPO) фаъолона инкишоф ёфта истодааст.

183.Тоҷикистон дар соҳаи FinTech, бахусус дар татбиқи технологияҳои муосири зеҳни сунъӣ, аз ҷумла барои баҳодиҳии кредитӣ фаъолона пеш рафта истодааст. Ин тадбирҳо хавфҳоро барои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш дода, ба рушди технологияҳои молиявӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва кушодани имкониятҳои нав барои сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

184.AgroTech ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, оптимизатсияи таъминоти захираҳо ва эҷоди моделҳои нави бизнес, ки ба рушди устувори комплекси агросаноатӣ нигаронида шудаанд, мусоидат мекунад.

185.Барои рушди технологияҳои рақамӣ ва инноватсия Ҳукумат имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукиро роҳандозӣ намудааст, ки сармоягузорону соҳибкорон аз онҳо метавонанд васеъ бархурдор шаванд.

186.Дастрасӣ ба интернет, аз ҷумла тариқи хатҳои нурӣ, дар Тоҷикистон имконияти васеъшавиро бо ҷалби сармоя доро мебошад. Тибқи супориши Ҳукумат шабакаи 5G бояд дар фурсати кӯтоҳтарин дар тамоми ҳудуди мамлакат ҷорӣ карда шавад.

187.Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, ки гузаштан ба он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 амалӣ мегардад, самти дигаре ҳаст, ки рушди технологияҳои иттилооотӣ-коммуникатсионӣ ва таъмини интернети баландсуръатро талаб менамояд. Дар кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон пардохтҳои ғайринақдӣ 80-90 дарсадро ташкил мекунад, дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда ҳамагӣ ба 30 дарсад баробар мебошад.

188.Айни замон, дар Тоҷикистон шумораи ширкатҳое, ки дар бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ фаъолият менамоянд, на он қадар зиёд аст. Агар дар Қазоқистон ин шумора зиёда аз 5000, дар Ӯзбекистон зиёда аз 1500 ва дар Қирғизистон зиёда аз 300 ададро ташкил диҳад, дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда ба каме бештар аз 250 адад баробар аст.

189.Ба ин васила, бозори хизматрасониҳои электронӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи аввали рушд қарор дошта, имкониятҳо барои сармоягузорӣ дар ин самти муҳим хеле зиёданд.

190.Вобаста ба ин, сармоягузорӣ ба самтҳои зерини рушди бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ бисёр ҷолиб мебошанд:

- таъмини интернети баландсуръат, аз ҷумла шабакаи 5G, хизматрасониҳои хостингӣ ва абрӣ;

- таъсиси дата-марказҳо ва платформаҳои рақамӣ барои беҳтар кардани амнияти иттилоотӣ ва нигоҳдории маълумот;

- таҳияи барномаҳои нави зеҳни сунъӣ барои хизматрасонӣ дар соҳаҳои гуногун;

- ташкили платформаҳои инноватсионӣ барои рушди соҳибкории рақамӣ ва бозорҳои рақамӣ;

- ташкили платформаҳо барои савдои электронӣ;

- ташкили хизматрасониҳои электронии муосир дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- ташкили платформаҳо барои хизматрасониҳои электронӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- ҷорӣ кардани низоми биллингӣ дар соҳаи электроэнергия, нақлиёт, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра;

- ташкили хизматрасонии электронӣ барои фароғат ва дилхушӣ;

- ҷорӣ кардани низоми «Шаҳри ҳушманд» дар шаҳру ноҳияҳои кишвар.

191.Умуман, бо дар назар доштани рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва дар марҳилаи аввали рушд қарор доштани Тоҷикистон дар ин соҳа имкониятҳо барои сармоягузорӣ дар ин соҳаи босуръат рушдкунанда хеле фаровон аст, ки сармоягузорони хориҷиву ватанӣ аз он метавонанд васеъ истифода кунанд.

192.Таҳлили имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва технологияҳои иттилоотӣ нишон медиҳад, ки ба шарофати сиёсати ҳамаҷонибаи ҳукумат, стратегияҳои инноватсионӣ ва ҳамгироии фаъоли технологияҳои пешрафта бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ба яке аз самтҳоиояндадор барои сармоягузорӣ дар солҳои наздик табдил меёбад.

## §7. Бахши молиявӣ

193.Низоми молиявии Тоҷикистон дар солҳои охир устувории ҷиддиро касб карда, босуръат рушд карда истодааст. Айни замон, низоми бонкии кишвар аз 65 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 23 адад фондҳои қарзии хурд иборат буда, аз ин шумора 9 ташкилот пурра бо сармояи хориҷӣ ва 4 ташкилот бо иштироки сармояи хориҷӣ фаъолият менамоянд.

194.Иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар сармояи низоми бонкӣ аз он дарак медиҳад, ки ҷолибият ва фазои сармоягузории кишвар тадриҷан беҳтар гардида, ҳиссаи сармояи хориҷӣ дар сармояи оинномавии низоми бонкӣ зиёд шуда истодааст. Дар соли 2024 ҳиссаи сармояи хориҷӣ дар сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ маблағи 28 дарсадро ташкил дода, нисбат ба соли 2019-ум 20 дарсад афзоиш ёфтааст.

195.Дар ин ҳангом, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2024 ба маблағи 4 190,9 млн доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки нисбат ба охири соли 2023 ба андозаи 88,7 дарсад афзоиш ёфтааст.

196.Дар соли 2024 нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо (ROA) ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) мутаносибан ба 2,6 ва 13,9 дарсад баробар шуд, ки барои ҷалби бештари сармоя имконият фароҳам меорад.

197.Дар соли 2024 меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 21,8 дарсад (талаботи муқарраршуда 12 дарсад) ва меъёри пардохтпазирии ҷории онҳо – 78,3 дарсадро ташкил дод, ки шаҳодати устувор будани сармоя ва пардохтпазирии саривақтии уҳдадориҳои низоми бонкии кишвар мебошад.

198.Тамоюли қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ сол аз сол зиёду устувортар гардида, дар соли 2024 қарзҳои умумии додашудаи низоми бонкӣ ба 24,6 млрд сомонӣ баробар шуд, ки ин нисбат ба соли 2019 ба маблағи 15 млрд сомонӣ ё 157 дарсад афзоиш ёфтааст.

199.Бақияи қарзҳои ғайрифаъол 1,5 млрд сомониро ташкил дода, вазни қиёсии онҳо дар таркиби сандуқи қарзӣ ба 7,1 дарсад баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 5,4 дарсад ва 39,7 дарсад нисбати соли 2016 кам мебошад. Маҳз дар соли 2024 низоми бонкӣ тавонист, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъолро то сатҳи назаррас коҳиш дода, онро аз адади дурақама то ба адади якрақама поён барад.

200.Илова бар ин, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти бонкии исломӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахши бонкдории исломӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ба санаи 31 декабри соли 2024 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 бонки исломӣ ва 3 равзанаи бонкии исломӣ фаъолият менамоянд.

201.Нишондиҳандаи бақияи умумии пасандозҳои низоми бонкӣ ба санаи 31 декабри соли 2024 маблағи 25 529,9 млн сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-юм 31,2 дарсад афзоиш ёфтаанд.

202.Ҳамчунин, паҳлуи дигари ҷолибияти сармоягузорӣ ба низоми бонкии кишвар ин таъмин намудани фаъолияти устувор ва шаффофи ташкилотҳои қарзии молиявӣ тибқи стандартҳои пешрафтаи байналмилалӣ мебошад, ки вобаста ба он Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти заруриро пайваста дар сомонаи худ ҷойгир менамояд.

203.Дар ҷумҳурӣ низоми устувори суғуртаи амонату пасандозҳои муштариёни низоми бонкӣ амал мекунад, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро таъмин менамояд.

204.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 ва гузаштан ба иқтисоди рақамӣ эҳтиёҷотро ба низоми бонкӣ боз ҳам зиёд мекунад. Рушди бонизоми иқтисоди кишвар низ (рушди ММД дар се соли охир дар сатҳи на кам аз 8,0 дарсад) талаботро ба хизматрасонии бонкӣ ва суғуртавӣ зиёд гардонида, таъсиси ташкилотҳои нави қарзӣ ва суғуртавӣ, беҳтару муосиртар гардонидани хизматрасониҳои молиявӣ ва коҳиш додани хавфҳои молиявию сармоягузорӣ ва тиҷоратиро тавассути амалиётҳои суғуртавӣ тақозо менамояд.

205.Дар ин самт, афзоиши солонаи воридоти сармояи хориҷӣ, ки дар се соли охир на кам аз 30 дарсадро ташкил мекунад, барои кушода шудани ташкилотҳои молиявии нав бо маблағгузории сармоягузорони хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.

206.Доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ, аз хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ то маблағгузории хурд, дастрасии сармояро барои бахшҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, таъмин менамояд, ки ин боиси рушди иқтисодӣ ва ҷалби

сармоягузорӣ мегардад. Чунин гуногунрангии муассисаҳои молиявӣ ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки воситаҳои мувофиқтарини татбиқи лоиҳаҳои худро интихоб намоянд.

207.Дороиҳои низоми суғурта сол аз сол афзоиши устуворро нишон дода, мақоми худро дар низоми молиявии кишвар мустаҳкам карда истодаанд. Дар низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ фаъолият менамояд. Аз ин теъдод як ташкилоти суғуртавӣ ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошад.

208.Пешрафту дастовардҳои соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ диққати сармоягузорони хориҷиро низ ба худ ҷалб намуда, айни замон дар низоми суғуртаи кишвар 2 ташкилоти суғуртавӣ пурра бо ҷалби сармояи хориҷӣ таъсис ёфта, 1 ташкилоти суғуртавии дигар бошад, дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ фаъолият дорад.

209.Ҳамзамон бо ин, дар қонунгузорӣ бахри рушди минбаъдаи соҳаи суғуртаи кишвар ҷиҳати кушодани филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Бозори суғуртаи кишвар имкониятҳои васеъ дошта, метавонад макони мусоиди сармоягузорӣ маҳсуб ёбад.

210.Натиҷаи фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа афзоиш доштаанд, аз ҷумла дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 10,5 дарсад, сармояи худӣ 19,6 дарсад, сармояи оинномавӣ 45,1 дарсад, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 26,6 дарсад, самоягузориҳо 32,7 дарсад ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 37,0 дарсад.

211.Дороиҳои пардохтпазири низоми суғуртаи кишвар (дар шакли воситаҳои пулӣ, пасандозҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ) 678,8 млн сомониро ташкил дода, ба 75,3 дарсади ҳаҷми умумии дороиҳои низом баробар шудаанд, ки ин маблағҳо тавассути низоми бонкӣ ба сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ равона мегарданд ва ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

212.Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 аз руйи дороиҳо (ROA) 13,7 дарсадро ташкил дода, аз руйи сармоя (ROE) ба 22,4 дарсад баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 1,8 ва 1,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.

213.Бахши молиявии Тоҷикистон дорои зарфияту имкониятҳои зиёди сармоягузорӣ буда, самтҳои зерин барои сармоягузорон метавонанд ҷолиб бошанд:

- таъсиси бонкҳову ташкилотҳои қарзӣ;

- таъсиси фондҳои венчурӣ;

- кушодани филиалҳои бонкҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон;

- таъсиси ташкилотҳои суғуртавӣ;

- кушодани филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ дар Тоҷикистон;

- сармоягузорӣ ба ширкатҳое, ки қарорҳои инноватсиониро барои низоми бонкӣ ва бахши молиявӣ таҳия менамоянд;

- иштирок дар фондҳои хусусии сармоягузорӣ ё сармояи венчурӣ, ки барои рушди стартапҳо ва бахши молия сармоягузорӣ мекунанд;

- сармоягузорӣ ба краудфандинг ва қарздиҳии P2P ҷиҳати овардани даромади баланд.

214.Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, дар марҳилаи рушд қарор доштани низоми бонкӣ, рушди бонизоми иқтисод ва баланд гаштани некуаҳволии мардум шароити мусоидро барои ҷалби сармоя ба низоми молиявии Тоҷикистон фароҳам овардааст.

## 6. МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

215.Стратегия дар 3 марҳила бо иҷрои Нақшаи чорабиниҳои солҳои 2026-2030, 2031-2035 ва 2036-2040, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, амалӣ карда мешавад.

216.Амалисозии Стратегия аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши ғайридавлатӣ бо ҷалби шарикони рушд ба роҳ монда мешавад.

217.Механизми амалишавии Стратегия аз низоми чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилидошта, инчунин чорабиниҳои мушаххас оид ба самтҳои асосии сиёсати давлатӣ иборат мебошад.

218.Барои амалисозии ҳадаф, мақсад ва вазифаҳои дар Стратегия пешбинигардида аз ҷониби ҳамаи иҷрокунандагон дар заминаи Нақшаи чорабиниҳои Стратегия нақшаҳои амали дохилиидоравӣ таҳия карда мешаванд, ки он давраҳои амалисозии Стратегияро дар бар мегирад.

219.Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ бояд ба Нақшаи чорабиниҳои Стратегия мутобиқ бошад ва чорабиниҳоеро дар бар гирад, ки вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои дигар дар таъмини иҷрои он аз рӯйи самти фаъолият ба ҳайси иҷрокунандаи асосӣ ва ё ҳамиҷрокунанда масъул бошанд.

220.Тартиби амалишавии Стратегия дар фароҳам овардани муносибати маҷмуӣ ба ташаккули низоми чорабиниҳои банақшагирифташуда ва дар ҳамбастагӣ баррасӣ намудани онҳо, пайдарпай амалӣ намудани чорабиниҳо, ошкорбаёнӣ ва ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ифода меёбад.

221.Ҳадафу вазифаҳо ва чорабиниҳои марҳилавӣ бо дарназардошти тағйирёбии вазъи ҷаҳони муосир ва афзалиятҳои стратегӣ такмил ва тақвият дода мешаванд.

## 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

222.Бо мақсади таъмин намудани нишондиҳандаҳои самаранокӣ, саривақтӣ, шаффофият ва баҳри ноил гардидан ба ҳадафу вазифаҳои Стратегия, низоми мониторинг ва арзёбӣ ба роҳ монда мешавад.

223.Мониторинг ва арзёбӣ дар асоси пайгирӣ ва мушоҳидаҳои мунтазами раванди амалишавии чорабиниҳо барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои Стратегия, индикаторҳои мушаххас ва мувофиқ, инъикоси мустақими натиҷаҳои фосилавӣ оид ба иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда, ноил гардидан ба параметрҳои мақсадноки дурнамо, натиҷаҳои фосилавии чораҳои сиёсат, ки дар Стратегия пешбинӣ гардидаанд, гузаронида мешаванд (индикаторҳои асосии Стратегия замима мегарданд).

224.Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани назорати иҷрои вазифаҳои дар Стратегия пешбинишуда дар доираи салоҳияти худ, мониторинг ва арзёбии раванди амалишавии Стратегия ва ҳамоҳангсозии корҳоро вобаста ба он анҷом медиҳад.

225.Низоми мониторинг ва арзёбии Стратегия ҳамчунин низоми ҳисоботии дахлдорро аз рӯйи натиҷаҳои амалишавии Стратегия ва марҳилаҳои татбиқи он дар бар мегирад. Бо ин мақсад, дар ҳамаи мақомоти соҳавӣ ва ҳудудии идоракунӣ, шахсони масъул муайян карда мешаванд, ки барои гузаронидани мониторинг ва баҳодиҳӣ дар идораҳои худ ҳамоҳангсози он мебошанд.

226.Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботро вобаста ба амалишавии Стратегия баррасӣ менамояд ва ҷиҳати беҳтар намудани самаранокии низоми мониторинг ва арзёбӣ супоришҳои мушаххас медиҳад.

## 8. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

227.Амалисозии Стратегия дар доираи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва аз манбаъҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин карда мешаванд.

228.Арзёбии талабот ба захираҳо ҷиҳати амалисозии бомуваффақияти Стратегия ба дурнамои рушди иқтисодӣ ва афзоиши аҳолӣ асос ёфтааст, ки иқтидори захиравии иқтисоди кишварро ба хароҷоти молиявӣ, инчунин ҳаҷми зарурӣ ва самтҳои афзалиятноки тадбирҳоро оид ба ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар давраи дарозмуҳлат ва миёнамуҳлат муайян мекунад.

229.Яке аз манбаъҳои асосии молиявӣ ин маблағҳои буҷети давлатӣ мебошад, ки дар доираи коркарди буҷетҳои миёнамуҳлат дар давраи амалисозии Стратегия, самтҳои амал бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳо мунтазам мушаххас гардонида мешаванд

230.Сармоягузориҳои хориҷию дохилӣ дар маблағгузории Стратегия нақши калонро доранд. Бинобар ин, дар раванди амалисозии Стратегия бо институтҳои молиявӣ ва шарикони рушд ҳамкории зичи самаранок роҳандозӣ карда мешавад.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

231.Мақоми асосии ҳамоҳангсози амалисозии Стратегия Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мебошад.

Дар доираи амалисозии Стратегия Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳмаҳаллии ххокимияти давлатӣ ва шарикони рушд ҳамкориро ба роҳ мемонад.

Замима
ба Стратегияи ҷалби сармояи
ба Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

## ИНДИКАТОРҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯ

| № | Нишондиҳандаҳо | 2024 | 2030 | 2035 | 2040 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми сармояи хориҷии ба кишвар воридгардида (млн доллари ИМА) | 5 073,8 | 7 193,3 | 9 631,6 | 12 889,3 |
| 2 | Ҳаҷми сармояи мустақими хориҷии ба кишвар воридгардида (млн доллари ИМА) | 459,1 | 1 239,4 | 2 603,1 | 5 235,7 |
| 3 | Суръати рушди ММД (бо дарсад) | 8,2 | 8,5 | 8,5 – 9,0 | 8,5 – 9,0 |
| 4 | Ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ нисбат ба ММД (бо дарсад) | 3,3 | 5,2 | 7,7 | 10,3 |
| 5 | Шумораи умумии созишномаҳои сармоягузории баимзорасида (адад) | 34 | 60 | 97 | 157 |
| 6 | Шумораи умумии субъектҳои хоҷагидори бақайдгирифташуда (ҳазор нафар) | 365,3 | 489,5 | 624,8 | 797,4 |
| 7 | Шумораи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда (ҳазор нафар) | 35,0 | 52,5 | 84,3 | 103,3 |
| 8 | Шумораи корхонаҳои бо саҳми сармояи хориҷӣ фаъолияткунанда (ҳазор адад) | 2,7 | 4,0 | 5,6 | 7,9 |
| 9 | Ҳаҷми қарзҳои басоҳибкорӣ додашуда (млрд сомонӣ) | 12,9 | 18,4 | 27,7 | 32,9 |
| 10 | Ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД (бо дарсад) | 60,4 | 66,1 | 71,9 | 74,5 |